МУИН ҒАФУРОВ – ЧЕҲРАИ НАВИ UFC с.10

МАРЗ. МАНЪИ ИСТИФОДАИ ДРОНҲО с.6

УНВОНДОР БИСЁР, ИХТИРОЪКОР ДАР КӮЧА с.7





# ТОҶИКИСТОН

№21 (1532)
24.05.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~




# MADE IN TAJIKISTAN

## Тоҷикистон техникаи ҳарбӣ месозад


М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновари дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99


**ДАР ИН ШУМОРА:**


**САИДМУРОД ДАВЛАТОВ:**
Аз худкушӣ то командасозӣ
с.4

**ҶАЗОИ "ДЕД"-ҲО**
Суди Олӣ шаш муштзӯрро муҳокима мекунад
с.11

**ШОҲМАНСУР**
Чаро дастури ҳукумат иҷро намешавад?
с.5

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**



# ТОҶИКИСТОН ТЕХНИКАИ ҲАРБӢ МЕСОЗАД

**Имрӯз, 24-уми май дар ҳошияи сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба шаҳри Турсунзода корхонаи "Сипар гурӯҳ" ба истифода дода шуд.**

Ба иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, самти фаъолияти асосии "Сипар гурӯҳ" ба ҷамъу васлсозии мошинҳои махсуси ҳарбӣ ва граждании равона гардидааст.

"Дар корхонаи навбунёд, ки дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таъсис ёфтааст, дар марҳилаи аввал бо ворид намудани қисмҳои алоҳида аз хориҷи мамлакат ҷамъу васли 17 намуд наклиёти махсус ба роҳ монда шудааст ва оянда ин нишондод афзоиш дода мешавад", - иттилоъ медиҳад манбаъ.

Қисмҳои алоҳида барои омода намудани наклиёти махсуси ҳарбӣ ва гражданӣ асосан аз ширкати "Streit Group" -и Аморoти Муттаҳидаи Араб дастрас мегардад. Иқтидори солонаи корхонаи нави саноатӣ ҷамъу васли 120 наклиёт арзёбӣ мешавад ва дар оянда бо назардошти талабот ин рақам афзоиш хоҳад ёфт. Мошинҳои омодашаванда дар ин корхона барои таъмини ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Ҳамчунин, оянда содироти ин мошинҳо ба кишварҳои хориҷ дар назар дошта шудааст. Мутобиқати наклиёти корхонаи мазкур аз рӯи баҳодиҳии мутахассисони соҳа ҷавобгӯ ба талаботу меъёрҳои ҷаҳонии мошинсозӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар доираи сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Турсунзода коллеҷи хусусии омӯзгории "Асосгузор", мактаби замонавӣ ифтитоҳ ёфт. Раванди дарс дар муассисаи нави таълимии 2-ошёнаи "Асосгузор" бо забонҳои русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Турсунзода Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз хоҷагиҳои деҳқонии "Муродҷон"ва "Сомон-2016" низ дидан намуд.





PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

## САРИ САБЗ



**Зебинисо РУСТАМОВА, камонвари машҳури тоҷик**

**- Имрӯз барои ҷавонони мо тамоми шароитҳо фароҳаманд ва онҳо хеле лаёқатманданд. Онҳо метавонанд дар тамоми донишгоҳу донишкадаҳои дунё таҳсил намоянд ва малакаю маҳорати худро баланд бардоранд.**

*- Аммо, муаллимаи азиз, ин тавр ки бошад, чаро аз байни ҷавонони мо ягон Зебинисо Рустамоваи дигар набаромада истодааст? Ё масалан ягон Ҳошим Гадои дигар...*



**Афзалшоҳи ШОДӢ, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон**

**- Чанд шеъри нави дигар ҳам ҳастанд, ки дар консерт месароем. Албатта, даъвои шоирӣ накардаам ҳеҷ гоҳ, аммо ман набераи Рӯдакию писари Лоиқ ки ҳастам, ҳатман бояд кам-кам шеър ҳам гӯям.**

*- Хуб мекунед, устод, "ба як мард чил ҳунар кам аст". Бисёр ҳунармандоне дорем, ки худашон шеър менависанд, оҳанг мебанданд ва худашон месароянд.*



**Хайринисо ВАТАНОВА, муаррифигари рақси тоҷикӣ**

**- Кам мешавад, ки як санъаткор ду жанрро интихоб кунаду дар ҳарду муваффақ гардад. Ба ҳамин хотир, ман бо устодонам маслиҳат кардаму як роҳро интихоб кардам - рақсро. Чунки дар ин роҳ аллакай дуо гирифта будам.**

*- Шояд он вақт дигар будааст муносибат бо дуо ва нафарони дуодеҳ. Ҳоло агар дуо диҳанд, шояд дар бисёр ҳолат чунин суолро шунаванд, ки "дуои бепул ба кӣ даркор!?".*

## АКАДЕМИКИ ТОҶИК - СИТОРАИ ИТТИҲОД

**Академик, доктори илмҳои физика, профессор Саидмуҳаммад Одинаев барандаи ҷоизаи “Ситораи Иттиҳод” гардид.**

Ӯ дар гузашта ректори ду муассисаи олии бонуфуз - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Ҳоло дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Маросими супурдани ҷоизаи “Ситораи Иттиҳод” рӯзҳои 11-15-уми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Бишкек баргузор мешавад. Хазинаи байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ хабар додааст, ки ба ҳашт барандаи ҷоизаи мазкур барои соли 2023 дар бахшҳои гуногун диплом, нишони фахрӣ ва шаҳодатнома супорида мешавад. Ин ҷоиза мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 2 миллион рубл низ дорад. Ҷоизаи бонуфузи "Ситораи Иттиҳод" аз ҷониби Шӯрои ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ ва Хазинаи байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ин иттиҳод моҳи майи соли 2009 таъсис ёфтааст. Ҳар сол намояндагони давлатҳои ИДМ барои дастовардҳои назаррас дар соҳаи фаъолияти башардӯстона, ки ба сатҳи дастовардҳои ҷаҳонӣ мувофиқанд ва дар рушди ҳар як кишвари узви ин иттиҳод ва ҳам дар маҷмӯъ саҳм гузоштаанд, мукофотонида мешаванд.

Солҳои пеш нависандаи маъруф Тимур Зулфиқоров, ҳунарманди шинохта Ибодулло Машраб, рассом Вафо Назаров, директори Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ Гулчеҳра Қоҳирова, доктори илмҳои математика ва профессор Мирганд Шаҳбозов ва дигарон соҳиби ин мукофоти байналмилалӣ шудаанд.



# ТОҶИКИСТОН ДАР ТЕҲРОН

## Чаро гулдӯзӣ роҳ ёфту “Девон”-и Рӯдакӣ не?




**Медонам, ки касе аз камбудӣ намегӯяд. Медонам, ки аллакай ба боло ҳисобот дода шуд: “Мо Тоҷикистонро дар Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон ба таври шоиста муаррифӣ кардем!”... Бинобар ин, маҷбурам, ки ҳар чӣ дидам, ҳамонро бигӯям...**

34-умин Намоишгоҳи байналмилалии “Китоби Теҳрон” аз 11 то 21-уми майи соли равон дар пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, ки Тоҷикистон меҳмони вежаи ин намоишгоҳ буд. Мо дар шумораи гузашта дар бораи ин намоишгоҳ аз Теҳрон гузориши муфассал нашр карда будем.

Банда дар ин нигошта чанд камбудиро мегӯям, ки дар рӯзҳои намоиш мушоҳида кардам.

Табиист, ки масъулини кишвар меҳмони вежа будани Тоҷикистонро дар Намоишгоҳи байналмилалии “Китоби Теҳрон” қаблан медонистанд (шояд 3-4 моҳ пеш), вале аҷиб аст, ки барои он омодагӣ нагирифтаанд. Ҳамин аст, ки ба намоишгоҳ фақат китобҳое бурда шуданд, ки ба хати кириллӣ ҳастанд ва онҳоро дар Эрон касе хонда наметавонад. Ду-се китоби дуҳуруфаро ҳам бурда буданд (барои мисол ҷилди аввали “Забони миллат - ҳастии миллат”-и Президенти Тоҷикистон, “Куллиёт”-и Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, “Достони Роғун”-и Давлат Сафар, “Ҷуғрофиёи Давлати Сомониён”-и Н. Сафарзода ва ғ.), ки фақат барои намоиш буданд, на барои фурӯш.

Ҳол он ки, бояд аз қабл Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмиву эҷодӣ масъул мешуданд, ки барои ин намоишгоҳ бо ҳуруфи форсӣ китобҳо нашр кунанд. Зеро ин намоишгоҳ ва мартабае, ки Тоҷикистон дар он дошт, имкони хубе барои муаррифии кишвар буд. Вале ин кор ба фикри касе наомад, ба ҷойи он ба намоишгоҳ ҷузвдонҳои



гулдӯзӣ ва ҳайкалчаҳои гилӣ бурда фурӯхтанд. Бале, ҳайрон нашавед, Тоҷикистон дар намоишгоҳи китоб ягона ғурфае буд, ки китоб не, балки армуғон (ҷузвдони гулдӯзӣ ва ҳайкалчаҳои гилӣ) мефурӯхт. Мисли он ки ба ЭКСПО ҳам мо ягона кишваре будем, ки ғӯлингу чакан бурда будем.

- Ин ҳунармандон бо чӣ мақсад ин ҷо омадаанд?,- пурсидам аз масъуле.

- Иштибоҳан,- посух дод ӯ ва ҳайрати маро дида, шарҳ дод: “Аз Эрон гуфтаанд, ки барои ороиши ғурфа ягон асари ҳунарӣ биёред. Мақсади онҳо манзара ва ё нигораи рассомӣ буд. Чун дар Тоҷикистон ҳунар гуфта, мо гулдӯзиву кулолгариву заргарӣ барин ҳунарҳои мардумиро мефаҳмем, аз Тоҷикистон инҳоро оварданд. Дар Эрон ҳунар гуфта санъатро дар назар доранд...”.

Эрониҳо вақте тоҷиконро мебинанд, оғӯш кушода, мегӯянд: “Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме...”, ки ин ишораи онҳо ба ҳамватани Рӯдакӣ будани мост. Бисёре аз эрониҳо ҳам вақте ба ғурфаи Тоҷикистон меомаданд, китоби ашъори Рӯдакиро суроғ мекарданд. Вале дар ғурфаи Тоҷикистон “Девон”-и Рӯдакӣ набуд...

Ҳол он ки, як ду сол қабл дар Хуҷанд “Девон”-и Рудакӣ (таҳияи ва таҳқиқи Абдуқодири Рустам) ҳам бо ҳуруфи кириллии тоҷикӣ ва ҳам бо ҳуруфи форсӣ бо сифати баланд ва муқоваи чармӣ ба зевари табъ ороста шуд. Агар ин китоб ба Эрон мерафт, ҳамаро қоил мекард...

Бисёре аз фарҳангиёни тоҷик гила мекунанд, ки аҳли адабу фарҳанги Эрон ба мо тоҷикон бо назари камгирона муносибат мекунанд... Ин ҷо суоле сар мезанад, ки мо чӣ кор кардем, ки ба мо назари баланд дошта бошанд?! Онҳо хати кириллӣ намедонанд, бинобар ин, моро зарур аст, ки барои муаррифии дастовардҳои илмиву адабӣ, ҳарчи бештар китобҳоямонро ба хати форсӣ баргардон кунем. Тоҷикистон яке аз марказҳои бузурги таҳқиқи адабиёту фарҳанги форсиву тоҷикӣ аст. Барои мисол дар чанд соли охир дар кишвари мо таҳқиқоти бисёр муҳим анҷом шудаву китобҳои бунёдӣ таълифу нашр шуданд, ки дар Эрон истиқболи гарм меёбанд...

Имкон дошт, ки ақаллан китобҳои аллакай нашршуда бо хати форсӣ ба Эрон бурда мешуд. Китобҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Сайфи Исфарангӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва ғ., ки дар Тоҷикистон бо ҳуруфи форсӣ нашр шудаанд, бовар дорам, дар намоишгоҳи “Китоби Теҳрон” истиқболи гарм меёфтанд.

Мушкили дигар дар муносиботи фарҳангии Эрону Тоҷикистон дар он аст, ки адабиёти муосири тоҷик дар он кишвар кам тарғиб шудааст. Имкон дошт, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон махсус барои ин намоишгоҳ як баёзи назму насри адабиёти муосиро бо хати форсӣ нашр мекард. Ин василаи хубе мешуд барои муаррифии адабиёти мо... Вале ин корҳо нашуд.

Бо вуҷуди ин, эрониён бо муҳаббат ба ғурфаи Тоҷикистон меомаданду дар бораи кишвари мо мепурсиданд. (Афсӯс, як албом ё маълумотнома набуд, ки барояшон бештар кишварро муаррифӣ кунем). Умед дорем, ки Тоҷикистон ҳамасола меҳмони оликадри намоишгоҳи “Китоби Теҳрон” хоҳад буд ва масъулини кишвари мо барои тарғиби воқеӣ (на рӯякиву барои ҳисобот) талош мекунанд...

**Одил НОЗИР,**
**Душанбе - Теҳрон - Душанбе**

*Мавқеъ*



**Доро СУҲРОБӢ**

## КОР

*Бахт ба рӯйи танбал намехандад...*

*Кор моро аз се чизи бузурги бад халос мекунад: дилтангӣ, камбудӣ ва бенавоӣ.*
**Ф. Т. Волтер**

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонро буҳрони иқтисодӣ фаро гирифта ва маълум нест, ки ин вазъият то кай идома меёбад. Мардуми сайёра дар интизори хуб шудани ин вазъияти душвор ҳастанд.

Ба андешаи мо, дар ин лаҳзаҳо мунтазир нишастан ҷуз зарба задан ба буҷаи оила таъсири дигаре надорад. Бояд аз ҷой бархосту бо кӯшишҳои хастагинопазир кор карда, дар фикри пайдо кардани бурдаи ноне барои худу азизон шуд. Агар ҷуз ин амал кунем, моро чӣ рӯзҳое интизор аст, онро хуб медонем...

Ҳоло шояд баробари хондани ин сатрҳо иддае мегӯянд, ки ”Кор нест. Чӣ гуна ва дар кучо кор кунем...?”. Хуб дарк мекунам, ки вазъият мушкил асту кор пайдо кардан аз он ҳам мушкилтар. Аммо кор дар саҳрову садҳо макони дигар ҳаст, ки мо ба ҷойи гӯшанишинӣ онро карда метавонем-ку! Пас, баҳонае лозим несту фақат мубориза беамон бурдан лозим бо “ҷаноби зиндагӣ”.

“Бе заҳмат, ҳатто, асал ҳам намехӯранд”, “Бе заҳмат комёбӣ ҳам нест” ва “Аз мӯрча ҳам ибрат гир”,- гуфтаанд бузургон. Ҳар нафаре, ки дорои фаҳмиши баланд асту масъулияти хонаводаеро ба зимма дорад, баробари хондани ин сатрҳо бо нерӯи қавиву руҳияи шикастанопазир аз рӯйи он амал мекунад. Ӯ ҳеҷ гоҳ ноумед намешавад, зеро медонад, ки шаб чӣ қадар дилгиркунандаву сарду дароз бошад, субҳ низ дорад ӯ ин ҳама азобро ба хотири азизонаш таҳаммул мекунад...

Донишманди барҷаста Конфутсий гуфта: “Метавон тамоми умр торикиро нафрин хонд, инчунин, метавон шамъи кӯчаке афрӯхт”.

Ҳаргиз, дар ҳеҷ замон набояд аз по афтоданамонро ба дигаре нишон диҳем. Зиндагӣ монанди имтиҳон аст, ки агар аз он боре афтодӣ, танҳо худат метавонӣ интихоб кунӣ, ки боз идома медиҳӣ ё на.

Оре, интихоби фардо дар дасти мост ва танҳо барои хушбахтӣ бояд талош кард, зеро ба гуфтаи Софокл: “Бахт ба рӯйи танбал намехандад...”.

# ХОТИРБИНӢ, ХУДКУШӢ ВА КОМАНДАСОЗӢ

**Идомаи мусоҳиба бо Саидмурод Давлатов, устоди бизнес ва муассиси мактаби “Оксфорд” дар Тоҷикистон**



### Тақдири ҳар кас дар дасти худаш

**- Мегуфтед, ки муваффақияти як инсон аз чӣ вобаста аст?**

- Якум, устод. Бе устод пеш намеравед. Масалан, ман дар ибтидо ҳар иштибоҳе кардам, маслиҳатгар надоштам. Яъне, пире набуд, то роҳ нишон диҳаду вақтро сарфа карда ва аз пайи мақсадҳо равам. Дуюм, командаи боқувват. Дар мисоли худ метавонам гуфт, ки охиста-охиста ҳамаи инро ёд гирифтаму сохтам. Бароям дарси ҳаёт ҳам шуд.

Умуман, ҳар як инсон роҳи худро меҷӯяд. Баъзеҳо даҳ қадам мегузоранд, шояд муваффақ шаванд. Барои бархеи дигар дарҳои муваффақият боз асту пуштибон ё роҳнамо доранд. Ин гуна инсонҳо зуд ба мақсад мерасанд. Аммо гурӯҳи дигар ҳазор қадам ҳам гузоранд, пеш намераванд, зеро мақсади гузошта ҳадафрас нест ва стратегия надоранд. Бинобар ин, тақдир ва роҳи ҳар инсон дар дасти худаш аст. Ҳеҷ гоҳ набояд худро ба дигарон муқоиса кард. Ҳар кас ба роҳи худ то охир бояд равад. Ягон варзишгар худ чемпион намешавад-ку! Ҳар як қаҳрамон ба худ “наставник” дорад. Агар ба таърих ҳам назар кунед, хоҳ дар сиёсат бошад ё дин, соҳибкориву ихтироъкорӣ ё дигар бахш, ҳар касе устоду роҳнамое дорад, муваффақ гардидааст. Агар чунин нест, инсон хом мемонад.

**- Пас, пири шумо кӣ буд?**

- Модарам ва натиҷаи иштирок дар тренингу суҳбат бо устодони мактаби бизнес.

### Илм - кафили оянда

**- Одаме ҳаст, ки донишу ақл, фаросат дорад, аммо сарватманд нест. Чаро?**

- Чунки характераш ба илм дуруст намегирад. Шахсият дигар асту илм дигар. Пул нишонаи нархи илми шумост. Агар донед, ки 10 000 сомонӣ кор карда метавонед, ягон вақт барои 2 ҳазор сомонӣ заҳмат намекашед, зеро потенсиал ва нархи худро медонед. Даромади одам нишонаи ақлу илми ӯ аст.

**- Пас, чӣ бояд кард, ки як инсон зиндагии шоиста дошта бошаду умраш барабас нагузарад?**

- Боз ҳам мегӯям, ки устод ёбад. Духтури беҳтарин шудан хоҳад, пас дар назди духтури беҳтарин таҷриба омӯзад. Муаллими беҳтарин шудан хоҳад, пас дар назди муаллими беҳтарин донишу таҷриба гирад. Агар гӯяд, ки ҳама чиро медонам ва худсарона кор кунад, сифати зиндагиаш пасту бетағйир боқӣ хоҳад монд.

**- Агар шароити молиявӣ надошта бошад чӣ?**

- Ман ҳам шароити молиявӣ надоштам. Қарздор будам. Ин аз фаҳмишу ҳаракат вобастагӣ дорад. Имрӯз китоб, ютуб ва дигар воситаҳои аз худ кардани донишу муваффақ шудани инсон мавҷуд аст. Инсоне, ки дар дил орзуи пеш рафтанро мепарварад, аз ҳаминҳо ақаллан бояд оғоз кунад. Дар як рӯз наметавон сифати умрро дигар кард. Аммо як фикре аз китоб ё дарсҳои ютуб пайдо мешавад, ки ояндаро дигар мекунад. Бинобар ин, муваффақияти ман ҳам махсули тренингҳову китобҳо аст. Аз соли 1995 ба дарсҳо мерафтам. Пулеро, ки ба даст меовардам, аввал ба гирифтани дониш сарф кардам. Як солу се моҳ дар Москва кор кардам. Вақте ки ба деҳа, ба хона омадам, дар ҷайбам 50 доллар набуд. Модарам гӯсфанди дар оғил бастаро шабошаб ба як хешамон фурӯхтанд, саҳар ба мардум чою нон карда доданд. Ба он хотир, ки мардум нагӯянд, ки фарзандаш аз Русия холӣ омадааст. Солҳои пеш анъанае роиҷ буд, вақте ки аз Русия меомадед, гӯё ба аскарӣ рафта бошед, ҳама ба хона меомаданд. Як ҳафта фақат меҳмондорӣ буд.

Модарам пас аз гусели меҳмонон аз ман пурсиданд, ки бачам, пул наовардӣ? Гуфтам, не. Пурсиданд, ки чӣ кор кардӣ пулатро? Гуфтам, ки модарҷон, хондам. Боз пурсиданд, кӣ мешавӣ? Духтур мешавӣ? Гуфтам, не. Ман хондам, ки шахсиятамро созам. Ҳангоми дар Москва будан ҳам, бародарам занг зада гуфта буд, ки пул фирист. Ҳама мефиристанд, аммо ту намефиристӣ. Гуфтам, ки пул надорам. Дар ҳайрат монд ва пурсид, ки чӣ хел пул надорӣ, ҳама фиристода истодаанд-ку! Магар ту бекорӣ, биё, ҳаминҷо дар замини назди хона кор кун. Гуфтам, ки ман хонда истодаам, тренинг меравам. Инро шунида, боз дар шигифт монд. Ба забони оддӣ фаҳмондам, ки як зали калон ҳаст, ҳама он ҷо ҷамъ меоянд, нафари дигар дар назди онҳо гап мезанад. Гуфтанд, ки мисли Кашпировский? Баъд, хандидаму бале гуфтам.

Умуман, ду чиз барои ояндаи одам кафолат медиҳад. Якум, илм. Илм нардбонест, ки шуморо ба боло мебарорад. Дар ҷамъият ҳам ҳақиқатро месозад. Сарфи назар аз он ки шумо писари кӣ ҳастед ва аз куҷо ҳастед, пояи илмро мустаҳкам доред, муваффақ мешавед. Дуюм, амал. Хатоӣ мешавад, аммо руҳафтода нашавед. Боз таъкид мекунам, ки сарнавишти ҳар инсон дар дасти худи ӯст. Охир, баъзан ба мардум ҳайронам. Барои хариди телефон ё ба ресторан рафтан пул меёбанд. Аммо агар гӯед, ки 1 китоб харида хон, мегӯянд, ки пул надорам. Ҳатто барои як соат вақт ёфта, дар ютуб дарс гӯш кардан ҳам вақт намеёбанд. Аҷиб, ҳар рӯз ба юмору чизҳои бароишон нолозим, ки ягон хел ҳаёташонро дигар намекунанд, фурсат меёбанд.

### Роҳат мехоҳед ё машаққат?

**- Дар шарҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ бисёриҳо мепурсанд, ки чаро шумо сармояатонро ба Тоҷикистон овардед? Чӣ шуморо ба ин дилгарм мекунад?**

- Ба ояндаи худу фарзандони худ ва давлати худ бовар дорам. Бинобар ин, ҳоло талош мекунам, ки сармояи худро ба Тоҷикистон орам. Ин миллат бароям аз ҳама чӣ қимматтар аст.

**- Оё ҳаёте, ки барои худ мехостед, сохта тавонистед?**

- Бале, ҳар кас бояд ҳаёти худро беҳтар сохта тавонад. Барои расидан ба орзуву мақсад ҳаракат кунед. Нуктаи нигоҳро ҳам бояд дигар кунем. Ба як кас Худованд бештар ва ба дигаре камтар додааст мегӯянд, ки ин фикр хато аст. Худованд ба ҳама медиҳад. Худованд дилсӯз аст. Агар сахт меҳнату ҳаракат кунед, пеши роҳатонро мекушояду баракатро дахчанд мегардонад. Аммо ба шарте, ки меҳнати ҳалол кунед. Чанд сол умр мебинед, аз тақдир вобаста аст, вале сифати умр аз худи инсон вобаста аст. Ҳаёти одам ба мисли саёҳат аст. Агар ба Москва рафтан мехоҳед, хоҳиши шумост, ки тавассути самолёт меравед ё бо қатора, мошин ё пиёда. Яъне, роҳат мехоҳед ё машаққат, интихоби шумост.

### 6 усули тарбияи фарзанд

**- Биёед, дар бораи тарбияи фарзанд ва шеваҳои муассири он ҳарф занем, зеро дар ин бора китоб ҳам навиштаед. Шумо фарзанд доред, аз рӯи кадом меъёр онҳоро таълиму тарбия медиҳед?**

- Аввал, ман ба фарзандонам мегӯям, ки мактабро аъло хонанд, чунки ин нишонаи меҳнати ӯ аст. Ҳоло ҳам дар ҷамъияти мо як фикри хом боқӣ мондааст: ин қадар хондагиҳо чӣ шуданд, хондан шарт нест, Бил Гейтс, Стив Ҷобс нахонданд ва ғайра. Ин ақидаҳои нодурусту хоманд. Аз ин лиҳоз, асоси рушди ҷамъият ва тамоми соҳаҳо аз мактаб сарчашма мегирад. Дуюм, ман фарзандонамро дар мавридҳои зарурӣ бо худ ба вохӯриҳо мебарам. Вақте ки ҳамроҳи худ гирифта гаштам, фаҳмишашон комилан дигар шуд. Ҳатто вақте ки ба назди як мансабдори баландмақом рафтам, маро фарзандам ҳамроҳӣ кард. Вақте ки мо хурд будем, мегуфтанд: “Бачаи майда назди меҳмонҳо наояд, дуртар шинад...”. Ба фикрам ҳоло ҳам чунин аст. Ин хомигарӣ аст.

Сеюм, ман ҳар вақт ба фарзандон вазифа мемонам ва мегӯям, ки ҳаллашро ёбед. Намегӯям, ки чӣ бояд кард.

Чорум, ба онҳо мегӯям, ки орзуҳоятонро рӯйи коғаз нависед ва худ ҳисобашро ёбеду аз рӯйи он нақшаро пешниҳод кунед. Ин фикрронии эҷодӣ аст, ки фарзандро кушода мекунад. Яъне, инсон фаҳмад, ки ягон масъала ҳалношуда боқӣ намемонад.

Панҷум, муошират. Дар ҳаёти инсон ҳама чиз тавассути одамон пайдо мешавад. Дар танҳоӣ ҳеҷ касед. Ягон инсон худаш барои худаш ном гузоштаву қабр накандааст. Бинобар ин, ба фарзандонам даруни ҷамъият гаштану бо мардум ва команда кор карданро ёд медиҳам.

Шашум, интелекти молиявӣ. Онҳо бояд роҳҳои пул кор кардану идора кардани онро омӯзанд. Намехоҳам, ки баъди сари ман тамоми меҳнатҳоямро барбод диҳанд. Ин мумкин нест. Одам набояд тайёрхӯр шавад. Пулро ба дасти одами нотавонбин ҳам диҳед, нест мекунад. Бинобар ин, мехоҳам, ки оянда фарзандон кори маро давом диҳанд.

(Давомаш дар саҳ. 13)

*Ба таваҷҷуҳи раиси ноҳияи Шоҳмансур Билол Иброҳим*

# ДАСТУРИ ҲУКУМАТ ЧАРО ДАР ШОҲМАНСУР ИҶРО НАМЕШАВАД?




**Имрӯз аксари шаҳру ноҳияҳо ва ниҳодҳои давлатии Тоҷикистон бо тақозои рушди технология ва дастрасӣ ба иттилоот сомонаи худро доранд.**

Аммо на ҳамаи сомонаҳои мақомоти мо фаъоланду аз маълумоти зарурӣ бархӯрдор. Ҳол он ки, дастури Ҳукумати кишвар аст, ки тамоми мақомот сомонаи худро фаъол кунанду мардумро бо иттилои нав ба нав таъмин намоянд.

Чанд рӯз пеш хостам, ки бо кору фаъолияти масъулини ноҳияи Шоҳмансур шинос шавам. Чунки ин ноҳия дар қалби пойтахт ҷойгир асту пайваста чорабиниҳои зиёд доир мегардад. Хостам, ки бо таъриху фаъолияти ноҳияи Шоҳмансур шинос шавам. Вақте вориди сомонаи ноҳия шудам, аввал ороишаш диққатамро ҷалб кард. Сипас, вориди ҳар як "рубрика"-и сомона шудам. Маълумоти муфассалро дар бораи масъулину сохторҳои ноҳия пайдо накардам. Дар баъзе рубрикаҳо маълумот нест, ё кухнаанду иртибот ба ин ноҳия надоранд. Ба рубрикаи "Нома ба раис" ворид шуда, хостам, ки арзи дил нависам, то масъулин пайи рафъи камбудӣ шаванд. Аммо дар ин рубрика ягон имконияти навиштани нома ё фиристодан нест. Ба ном рубрикаи "Нома ба раис" хасту халос. Дар дигар сомонаҳои ноҳияҳо аз раис сар карда то муовинон ва сохтори зарурӣ тарҷумаи ҳолашон ва рақами телефон барои арзи шаҳрвандон ҳаст. Вале дар ин сомонаи ноҳия фақат акси раис бо вазифааш ҳасту халос. Гӯё ин ноҳия муовини раис ва дигар сохтор надошта бошад. Шояд ин сомонаи ноҳия чанд масъул дошта бошаду аз ин ҳисоб маош мегиранд, вале ба чашми мақомот хок мепошанд? Ё шояд барои раиси ноҳия будани сомонаву маълумоти зарурӣ дар он аҳамияте надорад? Ё шояд раиси ноҳияи Шоҳмансур аз вазъи кори сомонаи ноҳия огоҳ нест?

Аз рӯйи шунидам, раиси ноҳияи Шоҳмансурро як инсони донишманд мегӯянд. Қаблан дар шаҳри Роғун раис будааст. Мегӯянд, ки нисбат ба зердастон серталаб аст. Агар чунин аст, умедворем, ки фаъолияти сомонаи ноҳияи Шоҳмансурро фаъол мекунаду барои дигарон намунаи ибрат мешавад.

**Б. НЕЪМАТУЛЛО,**
**сокини шаҳри Душанбе**

*Навгонӣ*



# АВВАЛИН ОЛИМПИАДАИ ИНТЕРНЕТИИ КИМИЁ ДАР ДУШАНБЕ ГУЗАШТ

**Дар шаҳри Душанбе даври ниҳоии олимпиадаи ҷумҳуриявӣ байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардид.**

Дар олимпиада аз 39 муассисаи таҳсилоти олии касбии мамлакат 438 донишҷӯ дар ду бахш: илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз рӯйи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, забони англисӣ, таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ, математика, физика, химия, биология, экология, география, назарияи иқтисод ва технологияҳои иттилоотӣ ба тариқи тестӣ ва бо иншои эссе бо ҳам сабқат менамоянд.

Дар маросими ифтитоҳи олимпиада, ки 16 май дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор шуд, роҳбарияти Вазорати маориф ва илм, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ва донишҷӯён иштирок намуданд.

*Фестивал*

# ДАР ДУШАНБЕ ФЕСТИВАЛИ АТЛАСУ АДРАС БАРГУЗОР МЕГАРДАД

**27-уми май дар Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Садриддин Айнии пойтахт даври шаҳрии Фестивали атласу адрас ва намоишу фурӯши он доир мешавад.**

Дар ин хусус қарори Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расидааст. Бояд гуфт, ки дар доираи баргузории фестивал барои тарғибу ташвиқи анъанаҳои фарҳанги либоси миллӣ ва истеҳсоли матоъҳои атласу адрас беҳтарин либосҳои миллӣ ба намоиш гузошта мешаванд. Дар идомаи фестивал барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ бо суруду тарона ва рақсҳои дилнишин пешкаши иштирокчиён мегардад.

*Фарҳанг*

# АЗ ШАҲРИЁР ТО СУРАЙЁ

## имтиҳони эҷодии ду адиби ҷавон



**Бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон аввалин имтиҳон-маҳфили адабии эҷодкорони ҷавон - барандагони Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе, шоири ҷавон Шаҳриёр Олимӣ ва тарҷумони умедбахш Сурайё Аҳмадзод баргузор гардид.**

Дар он роҳбарияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе ва дӯстдорони шеъру сухан ширкат намуданд.

Дар маҳфил мудири бахши кор бо ҷавонони Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Маҳкам Гулзода, муовини якуми раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа, Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо, Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобзода, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муртазо Зайниддинзода вобаста ба эҷодиёти ин ду адиб ибрози назар карданд.

Дар идома Шаҳриёр Олимӣ аз ашъори хеш ва Сурайё Аҳмадзод порчае аз тарҷумаи кардаашро қироат намуданд.

Ҳамзамон, дар маҳфили мазкур шоирони ҷавон Хуршед Эҳсон, Руъё Усмонӣ, Омина Ҳамроева ва Фаридун Ёқубов аз ашъори худ шеърҳо хонданд.

Ҳамин тариқ, сарояндаҳои маҳбуби кишвар Хосияти Зарафшонӣ, Тоҷиддин Раҳимов, Иззат Шарифӣ, барандагони ҷоизаи озмуни ҷумҳуриявӣ ва шаҳрии "Тоҷикистон - ватани азизи ман!", "Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе" Шаҳобиддин Қурбонов, Аҳмедов Ҳасан, Муҳиба Шокирова ва Сарвиноз Холова ба маҳфил ҳусну таровати дигар бахшиданд.

*Маориф*




# ПОЁНИ СОЛИ ТАҲСИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН КАЙ АСТ?

**Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон рӯзи охирини соли хониш дар мактабҳоро эълон кард.**

Ҳамин тариқ, дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар барои хонандагони синфҳои 2 то 11 дарси охирин рӯзи 1-уми июн баргузор мешавад. Рӯзи охирини дарс барои синфи якум 25-уми май таъйин шудааст.

Вазорати маориф ва илм санаи аттестатсияи хонандагонро низ мушаххас кард. Имтиҳони хонандагони синфҳои 4-8 ва 10 аз 3 то 10-уми июн гузаронида мешавад. Дар баробари ин аттестатсияи хатм барои хатмкунандагони синфи 9 аз 3 то 15-уми июн ва синфи 11 аз 3 то 20-уми июн доир мегардад.

Ҳамчунин, дар кишвар анҷоми соли таҳсил бидуни "Занги охирин" сурат мегирад.

*Тамос*

*Гӯшаи нави "Пойтахт" дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед.*

*E-MAIL:*
*tojikiston@pressa.tj*
*ТЕЛ:* **93-111-08-61**

*Марз*

## ДИГАР ДРОН ИСТИФОДА НАШАВАД!

*Тавофуқи нави Тоҷикистону Қирғизистон*



**Зимни мулоқоти роҳбарони вилоятҳои Суғди Тоҷикистон ва Бодканди Қирғизистон дар масъалаи марз, ки рӯзи 24-уми май баргузор шуд, тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар минтақаҳои марзӣ аз паҳподҳо ва техникаи сангини низомӣ истифода нашавад.**

Аз мақомоти вилояти Суғд гуфтанд, ки мулоқот дар гузаргоҳи наздимарзии Гулистони шаҳри Исфараи Тоҷикистон, воқеъ дар марз бо гузаргоҳи Қизилбели Бодканди Қирғизистон баргузор шуд.

“Дар мулоқот раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва намояндаи ваколатдори Президенти Қирғизистон дар вилояти Бодканд Абдикарим Алимбоев масоили мубрами вобаста ба марзро баррасӣ намуданд”,- гуфт Музаффар Юнусов.

Ба иттилои манбаъ, дар мулокоти имрӯза ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар минтақаҳои марзӣ аз пахподҳо (ҳавогарди бесарнишин) ва техникаҳои сангини низомӣ истифода нашавад.

Ҳамчунин, тарафҳо ба мувофиқа расидаанд, ки сулҳро дар сарҳад нигоҳ доранд, ба иғвогарӣ роҳ надиҳанд, бо созиши ҳамдигар аз об истифода баранд.

*Вокуниш-622*

## КАМПИРҶАНГ БАРОИ ДОЛЛАР

*“Тоҷикистон”, №19 (1530), аз 10.05.2023*

**Вазъияти геосиёсие, ки дар саросари ҷаҳон ба амал омадааст, боиси он гардид, ки қурби расмии асъори миллии аксари кишварҳои шарикони тиҷоратии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нисбати доллари ИМА тағйир ёфта, чунин лаппишҳои қурби асъор талаботи аҳолиро нисбати асъори хориҷӣ зиёд намудааст.**

Аз ин лиҳоз, мизоҷоне, ки барои савдо ё барои зарурати дигари худ ба асъори хориҷӣ ниёз доранд, назди марказҳои хизматрасонии бонкӣ ҷамъ мешаванд ва тибқи навбат маблағи худро мубодила менамоянд.

Азбаски кормандони бонк дар ҷараёни навбатгирии мизоҷон дахолат наменамоянд ва бо вазифаҳои бевоситаи худ машғул мебошанд, ба миён омадани ҳолатҳои дар мақола қайдшуда аз эҳтимол дур нест.

Бояд қайд намуд, ки дар қатори дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҶСК “Бонки Эсхата” низ ҳамарӯза бо дастгирии бевоситаи Бонки миллии Тоҷикистон, дар доираи имкониятҳои худ ба мизоҷон асъори хориҷии нақдро ба фурӯш мебарорад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки талаботи аҳолиро бо пули нақд ба асъори хориҷӣ таъмин намояд.

Дар ин асно, бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар назди хазинаҳои амалиётии тамоми воҳидҳои сохтории ҶСК “Бонки Эсхата” тахтаҳои иттилоотӣ, маводҳои маълумотдиҳанда, истинод ба сомонаи расмӣ, воситаҳои асосии қабули арзу шикоятҳои бонкӣ, аз ҷумла рақами боварии Бонки миллии Тоҷикистон ишора шудааст, ки дар ҳолати норозӣ будан нисбати сифати хизматрасонӣ ё дигар омилҳо, мизоҷон метавонанд бо дилхоҳ воситаҳои тамос муроҷиат намоянд.

Бо ин васила ҶСК “Бонки Эсхата” ба муаллифи рӯзномаи “Тоҷикистон” барои мақола оид ба масъалаи мушоҳида намудаашон изҳори миннатдорӣ баён намуда, онро барои корбарӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ қабул намуд. Зеро ҳар як шикояти мизоҷон ба Бонк имконият медиҳад, ки сифати хизматрасониро беҳтар гардонад.

Мо хушнуд аз он ҳастем, ки муаллиф бо истифода аз банкомати ҶСК “Бонки Эсхата” талаботи худро қонеъ намуда, маблағи худро аз корти “Алиф Бонк” нақд намудааст.

Дар навбати худ ҶСК “Бонки Эсхата” омода аст бо кулли кормандони рӯзномаи “Тоҷикистон” барои пешниҳоди маълумоти зарурӣ ҳамкорӣ намояд.

**Мавлуда ҶАМОЛОВА,**
**шуъбаи кор бо арзу шикоятҳои ҶСК “Бонки Эсхата”**

# БАҲС БО “МОҲИИ ТИЛЛОӢ”

## Аз манъи шикор то ҳушдор ба қонуншиканҳо



**Якшанбе, рӯзи истироҳатӣ. Димоғам чоқ аст. Тӯри афғониро сари китф партофтаву бо тасмими сайди моҳӣ ҷониби дарё мешитобам.**

Чун ба соҳил мерасам, ҷойи боб интихоб кардаву тӯрро ба об мепартоям. Офтоб рахшанда аст. Нурҳояш чашмро хира кардаву кайфият меоранд. Донаҳои офтобпарастро чарс-чарс хоидаву пучокро бо ҳаловати тамом болои об пуф мекунам.

Даҳ дақиқа мешинам, 15, 20, ним соат мегузарад, аммо аз сайд хабаре нест. Қад-қади соҳил дида медавонам. Дар ҳар беҳи беду зарбед, миёни қамишҳо сайёдон яке синча кардаву яке диккак нишастааст. Аз хаёл мегузаронам, ки “шояд сари як сайд як сайёд бошад, пас, ба тӯрам афтодани моҳие дар гумон аст”...

Ҳамин вақт тӯр ба ларза меояд. Онро аз об берун мекашам. Ваххх! Чӣ мебинам? Ба чашмонам бовар намекунам. Дар тӯр моҳии тиллоӣ афтодааст. Талвоса мекунад, як қад-як қад баробари бораи тӯр мепарад. Гоҳгоҳе даҳонашро нимво кардаву чизе гуфтанист, аммо истиҳола мекунад. Афсонаи “Моҳии тиллоӣ” ба хотирам мерасад ва саросема нидо дармедиҳам:

- Моҳии тиллоӣ, моҳичаи тиллоӣ, се шарт дорам, агар иҷро кунӣ, раҳоят мекунам!

Моҳии тиллоӣ ба сухан меояд ва ғайри интизори ман бо хашм мегӯяд:

- Иди ты ... Ягон шарт-парт намон! Ягон шартатро иҷро карда наметавонам!

Ман, ки бо умеди гирифтории моҳии тиллоӣ аз ӯ чанд хоҳиш карданӣ будам, ҳайрон мешавам. Пушти сарамро мехораму суол медиҳам:

- Барои чӣ?

- Барои он ки қонунро вайрон карда истодаӣ ва агар ман ягон хоҳишатро иҷро кунам, маро ҳам бо гумони ҳамдастӣ бо ту гунаҳгор мекунанд. Магар намедонӣ, ки моҳигирӣ дар Тоҷикистон барои як муддат манъ шудагӣ!?

- Чӣ хел?

- Ана ҳамин хел, оддияк. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон аз қатъиян манъ шудани шикори моҳӣ давоми рӯзҳои наздик хабар ва ба қонуншиканҳо ҳушдор дод. Ин маҳдудият ба марҳилаи тухмгузории моҳиҳо марбут аст. Зеро, мегӯянд, ки моҳигирӣ дар ин давра метавонад ба ҳифзу такрористеҳсоли моҳӣ таъсири манфӣ расонад. Ҳушдор дода шудааст, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои нақзи ин меъёр ба шахсони воқеиву мансабдорон ва шахсони ҳуқуқӣ аз 3 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст. Шояд худат медонӣ, ки ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Тоҷикистон 68 сомониро ташкил медиҳад,- далел меорад моҳии тиллоӣ.

- Магар ин таъсир дорад?,- мепурсам нобоварона.

- Эҳаааа, таъсир надоштааст! Аллакай давоми 15 рӯзи аввали давраи манъи сайди моҳӣ санадҳои азназаргузаронӣ, 5 адад амрнома ва 1 адад протокол оид ба хариду фурӯши моҳӣ тартиб дода шудааст. Инчунин, дар шаҳри Ҳисор 4 сокин, ки бе иҷозат ба харидуфурӯш ва гирифтани захираҳои табиӣ, амсоли ширмоҳӣ машғул будаанд, дастгир карда шудаанд,- огоҳ мекунад ӯ.

Вале ман, ки манфиатдорам, ҳоло ҳам сар намефарорам ва бо саволи навбатӣ ба тори нозуки асаби моҳичаи тиллоӣ мерасам:

- Ин маҳдудият то кай бошад?

- Ба гуфтаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист, то 15-уми июн.

- Ана, ёбу гир! Боз, ман ба рафиқонам дар зиёфати зодрӯзам - 1-уми июн моҳӣ ваъда карда будам. Ҳоло ки ин тавр аст, пас, туро раҳо мекунаму дар ивазаш ақаллан ягон селаи хурди моҳиёнро ҷониби тӯрам мерамонӣ...,- дигарбора пешниҳод мекунам ман.

- Не, намешавад, беҳуда худатро азоб надеҳ!,- аз раъйи худ намегардад моҳичаи тиллоӣ.

Ин навбат ман ба ғазаб меоям. Бо ишораи ангушт сайёдони соҳили дарёро нишон додаву пичинг мезанам:

- Барои ман мумкин неву барои онҳо ҷоиз ҳа!? Ё зӯри касе ба онҳо намерасад? Ё онҳо пуштибон доранду сайдашонро пинҳон мекунанд?

- Чиҳо мегӯӣ!? Аз ҳар зӯр зӯртараш ҳаст боз! Дар бораи нафароне, ки бо ангушт ишора кардӣ, аллакай маълумот ҳаст. Маълум аст, ки кадомашро кадом нозир бо манфиати пулии 50-фоизӣ пуштибонӣ мекунад ва кадомаш пинҳонӣ-пинҳонӣ аз хонааш моҳӣ мефурӯшад. Аммо, тавре ишора кардам, дунё бедарвоза нест, ҳамон нозирон ҳам назорат мешаванд,- ба таҳдид гузашт моҳичаи тиллоӣ ва бо гӯшаи чашм ҷониби роҳи мошингард ишора кардаву гуфт: “Ана, бубин, нозирони ҳифзи муҳити зист омаданд...”.

Ҷониби роҳи калон нигоҳ мекунаму садои шалаппоси об баланд мешавад. Гашта ба тӯрам нигарам, он секин-секин алвонҷ мехӯрад ва моҳичаи тиллоиро мебинам, ки ба қафояш нигоҳ накардаву бошитоб шино дорад. Дарк мекунам, ки моҳичаи тиллоӣ бо чунин усули рафтор маро фиреб додаву ғофилгир карда, ба об ҷаҳидааст.

Маҳзун мегардам. Тӯрро сари китф партофтаву лаб-лаби соҳил ба самти хона қадам мемонам. Аз паҳлуи сайёде гузашта истода, зам-замаи шеъри кадом шоире аз забонаш ба гӯшам мерасад:

*Хоб дидам,*
*Дар лаби Кофарниҳон,*
*Сайди моҳӣ дораму тӯрам калон.*
*Роҳ гирифтам*
*Лаб-лаби палҳои шолӣ,*
*Тӯр мондам бо умед.*
*Дар ду навбат тӯр холӣ,*
*Навбати дигар азизон,*
*Сайди худро ман баровардам зи об,*
*Мисли море моҳие беҳад хароб.*
*Лол мондам,*
*Моҳӣ омад бар забон:*
*- Ку, бигӯ, эй соҳиби ҷоҳу ҷалол,*
*Аз чӣ чанд сол аст қавми моҳиён*
*Луқмае дигар намёбад ҳалол?...*
*Боз ҳам хокистару поруи худ,*
*Ҳар саҳар резанд дар оби равон,*
*Шарм мебояд шуморо, эй ҷавон.*
*Ширмоҳӣ буд қавми мо агар,*
*Мормоҳӣ гаштаем, охир, нигар!*
*Тӯри худро гиру аз пешам бирав,*
*В-арна мегирам зи чашмонат алав!*
*Сӯи хона роҳ гирифтам бошитоб,*
*Бар сарам фарёд зад ногаҳ занак:*
*Сайди моҳӣ кай равӣ, эй мурдахоб?*

... Аз ҷой нимхез мешаваму сарам ҳанӯз ҳам вазнин аст. Афсӯс мехӯрам, ки моҳичаи тиллоӣ аз даст рафт. Аммо, чун ба худ меоям, мефаҳмам, ки ҳама чиз дар хоб будааст. Ҳамин вақт боз экстрасенс Холиқназар Ҷумъазода ба хотирам мерасад. Ба худ суол медиҳам, ки ӯ хоби бандаро чӣ гуна таъбир мекарда бошад?

**Фазлиддин АСОЗОДА**

# УНВОНДОР БИСЁР, ИХТИРОЪКОР ДАР КӮЧА

## Кӣ соҳибистеъдодҳоро дастгирӣ мекунад?









**... Трактори аҷибу хурдакаке, ки дар як паҳлуи чамбараки идоракуниаш парчами хурдакаки Тоҷикистон дошт, ба сари замин расида, плуги худро бардошту дубора ба қитъаи нав даромад. Вақте ки наздиктар омада, як каф хоки онро ба даст гирифтам, дидам, ки ин тракторча заминро хеле нарм кардааст. Ҳайрон шудам, ки чунин тракторро ин марди деҳқон аз кадом заводи Тоҷикистон ва ё ширкати хитой харида бошад?**

Ба саволи ман деҳқони "тракторчӣ" бо табассум гуфт:

- Аз ширкати Шаҳбозу Мирсарвар. Онро нахаридаам, балки барои ҷуфти заминам барои як рӯз талабида гирифтам.

Ҳайратам афзуду боз тагпурсӣ кардам:

- Чӣ, онҳо ин техникаро харида, ба шумо иҷора медиҳанд?

Ин дафъа деҳқони иҷоракор қаҳ-қаҳ хандиду гуфт:

- Не, онҳо худашон инро месозанд...

Кунҷкобии касбиам аланга гирифту пайи таҳқиқи "заводи" Шаҳбоз шудам. Маълум гардид, ки Шаҳбоз Қосимзода, ки худ устои таъмири мошинҳост, на танҳо трактору дигар таҷҳизоти муҳаррикдор, балки аз пилораммаи сайёр сар карда, то обҷӯшонаки саҳроӣ ихтироъ карда, ба ҳоҷатмандон медодааст. Вақте ки бо худи онҳо суҳбат кардам, маълум гашт, ки Мирсарвар хатмкардаи Донишкадаи хоҷагии қишлоқ (агроном) ва Шаҳбоз - писари тағои ӯ пас аз мактаби миёна дар ягон ҷой таҳсил накардааст. Аммо Мирсарвар Иброҳизода мегӯяд, ки дар ин кор саҳми Шаҳбоз зиёдтар аст. Зеро ӯ танҳо "идея медиҳаду" кам-кам спонсорӣ (сарпарастӣ) мекунад. Шаҳбоз бошад, аз оҳанпораҳои мошину тракторҳои вайрона "техникаи навбаромад" месозад.

- Дасти ин бачаҳо дардро набинад, ки кори моро хеле осон карданд,-мегӯяд деҳқони куҳансоле, ки бо тракторча байни ҷӯяҳои кишташро нарм мекард.- Охир, дар замони шӯравӣ заминҳо хеле калон буданд ва дар онҳо тракторҳои калон кор мекарданд. Ҳоло бошад, замин бо порчаҳои хурд байни деҳқонон тақсим шудааст ва кор фармудани техникаи калону серхарҷ имкон надорад. Бо трактори Шаҳбоз бошад, бо харҷи кам худамон метавонем ҳоҷатамонро барорем.

Ин ду нафаре, ки номбар кардем, дар Тоҷикисон ягона нафароне нестанд, ки бо чунин ихтироъкорию ҳунармандии худ ном баровардаанд. Ба ёд орем ҷавонеро, ки гаҳвораи худҷунбон ихтироъ намуда буд ва ё он нафареро, ки дар Кӯлоб самолёти хурдакак сохта, ба ҳаво боло шуда буд. Ин ҳама ихтироъкорони "худрӯид" тоҷик буданд. Тавре аз ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ медонем, чунин "худрӯидҳо" дар аксар минтақаҳои кишвари мардумаш соҳибистеъдоди мо ҳастанд, ки ягон хел унвони илмӣ надоранд ва баъзеашон ҳатто маълумоти дуруст ҳам нагирифтаанд. Давлат бошад, ҳар сол барои маълумотнок кардани даҳҳо номзадҳои илму докторҳои илм маблағ сарф мекунаду худи ин "олимон", ки баъзан рисолаҳои "таълифнамудаашон" мавриди таҳқиқи "Диссернет" қарор мегираду плагиаташон (нусхабардориашон) фош мешавад, вақти худро беҳуда сарф мекунанд. Ман дар назар дорам бештар онҳоеро, ки мувофиқи мантиқ бояд олим буданашон собит гардад, яъне фарз кардем, номзади илми техникӣ бояд ягон ихтироот ва ё кашфиёти чашмрасе дошта бошаду барои он патент (ҳаққи муаллифӣ) гирад. Дар мавриди номзаду докторҳои илмҳои гуманитарӣ чизе намегӯям, зеро кашфиёту тадқиқоти онҳо аксаран дар рӯи варақи сафед аст ва онро наметавон барои ҳамагон муаррифӣ кард. Аммо тавре мардум мегӯянд, "олими беамал - замбӯри беасал". Пас чаро олимони мо, ки аксарашон воқеан ҳам соҳибистеъдоданд, вобаста ба ниёзи мардум амал намекунанд? Фарз кардем, ихтирооте намекунанд, ки ба ниёзи мардум нигаронида шуда бошад...

Тавре деҳқони куҳансол гуфту такрори гуфтаи ӯ шавад ҳам, мегӯем, имрӯз ин деҳқон, ки соҳиби замин шудааст ва он як гектар ё каму беш аз он аст, на ниёз ба трактори серхарҷу калонҳаҷме мисли К-700 ва ё МТЗ, балки ба "мини тракторҳо" - "мини плугҳо" дорад. Ихтирооте бояд кард, ки мавриди зарурати рӯз бошад. Ин ҷо гила аз соҳибкорон низ кардан мумкин аст, ки бештар ба овардану ба фурӯш гузоштани моли хориҷӣ ва техникаи хориҷӣ (махсусан хитоӣ) машғуланд ва касе аз онҳо ҷуръат намекунад, ки истеҳсоли "мини"-ҳоро дар кишвари худамон ба роҳ монад ва ё ақаллан (барои мисол) аз патенте, ки онро  Маркази патент ва иттилооти Тоҷикистон ба олими ихтироъкори навъи беҳтарини семент Абдуҷалил Мирҷамолов додааст, истифода бурда, истеҳсоли онро ба роҳ монад ва ин ягона ихтирооти истифоданашудаи олимони тоҷик нест. Кореро, ки як ҳунарманди деҳотии бемаблағ, вале боистеъдод метавонад ба анҷом расонад, магар як пулдори калон карда наметавонад? Албатта метавонад, фақат ин ҷо ҳисси ватандорию дурбинӣ лозим, ки ин корро кунад. Мо олимони хуб ҳам дорем, истеъдодҳои баланд ҳам дорем, маблағҳои калон ҳам дорем, вале на хоҳиш дорему на ҳавсала. Ба тайёрхӯрӣ одат кардаем ва то "аз боло" нагӯянд, коре карданӣ нестем.

Инак, "аз боло" гуфтанд ва то соли 2026 дар кишвар солҳои рушди саноат эълон гардид. Канӣ олиму канӣ ихтироъкор ва канӣ соҳибкори ватанӣ, ки гуфтаҳои болоро иҷро кунад?

Интизорем...

**А. АҲМАДЗОДА,**
**журналист**

*Инфографика*



# КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ ХУҶАНД

## Макони тарбияи кадрҳои баландихтисос

Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Юсуф Исҳоқӣ» аз калонтарин ва қадимтарин муассисаҳои таълимӣ дар вилояти Суғд аст, ки 90 сол инҷониб дар тарбияи кадрҳои соҳаи тиб хизмат мерасонад.



Муассиса соли 1932 чун нахустин муассисаи миёнаи касбӣ оид ба тайёр намудани мутахассисони зинаи миёнаи тиб ба фаъолият оғоз намуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.1999 ба Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ивази ном мекунад ва яке аз муассисаҳои таълимии соҳибмақом ва макони асосии тарбияи кадрҳои соҳибихтисос дар вилоят ба шумор меравад.

Бино ба иттилои директори Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд Алимат Мавлонзода, дар панҷ факултети коллеҷ мутахассисони маълумоти миёнаи тиб аз рӯи ихтисосҳои кори момодоягӣ, кори табобатӣ, кори ҳамширагӣ, кори фарматсевтӣ, кори дандонсозӣ, кори тиббӣ - ташхисӣ, кори тиббӣ - офиятӣ ва кори тиббӣ - профилактикӣ омода карда мешаванд.

Муассисаи давлатӣ бо дастгириҳои рӯзафзуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои шароити зарурӣ гардида, соҳиби 1 бинои таълимии асосӣ, 1 бинои чорошёнаи хобгоҳ барои 200 нафар духтарон, 1 китобхона бо толори хониш ва китобхонаи электронӣ, ки бо шабакаи интернет пайваст карда шудааст, 1 кабинети лингофонӣ, 1 толори варзишӣ, 1 майдончаи варзишии волейбол, баскетбол ва бадминтон, 1 майдончаи варзишии "Ҳомии Ватан", толори хурд оид ба намуди тенниси рӯи миз, 1 синфхонаи шоҳмот ва шашка, 1 бунгоҳи тиббӣ, 1 толори маҷлисгоҳ, 38 синфхонаи таълимӣ, озмоишгоҳҳо, ошхона, устохона ва дигар инфрасохтори лозимӣ мебошад.

Беш аз 300 нафар омӯзгорону кормандони коллеҷ дар асоси барномаҳои давлатӣ ва бо мақсади дар оянда таъмин намудани ҳифзи саломатии аҳолӣ ва татбиқи амалии «Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар бахши тандурустӣ» дар кафедраҳои "Забони давлатӣ", "Забонҳои хориҷӣ", "Забони русӣ", "Бемориҳои дарунӣ", "Момоӣ ва амрози занона", " Химия", "Тарбияи ҷисмонӣ", "Биология", "Кори ҳамширагӣ", "Анатомия ва физиология", "Ҷарроҳӣ", "Ҷамъиятшиносӣ", "Тиби оилавӣ", "Микробиология ва беҳдошт", "Бемориҳои бачагона", "Информатика", "Дорушиносӣ", "Руҳу асаб", "Стоматология" ба зиёда аз 4400 нафар донишҷӯён таълим медиҳанд.







Бо мақсади беҳтар намудани вазъи таълиму тарбия ва фароҳамсозии шароити замони муосир барои донишҷӯён, истифодаи самаранок аз таҷрибаҳои пешқадами таҳсил бо ташаббуси роҳбарияти Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд дар муассиса бинои нави таълим бунёд гардид, ки рӯзи 1-уми апрели соли 2023 бо ҳузури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт ва Сарвари давлат ба фароҳамсозии имкониятҳои васеи илму касбомӯзӣ баҳои баланд доданд. Бинои нави таълимӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои махсуси Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд бо тарҳи муосир бунёд шуда, аз таҳхона ва 4 ошёна иборат мебошад. Бинои иловагии таълимии Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд дорои 41 синфхона, толорҳои барҳавои лексионӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандон мебошад, ки бо мизу курсӣ, аёниятҳои таълимӣ ва таҷҳизоти муосир, аз қабили тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо муҷаҳҳаз карда шуда, барои таҳсили 2200 нафар донишҷӯ дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади мутобиқ намудани раванди таълим ба меъёрҳои муосир дар Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд марказу озмоишгоҳҳои замонавӣ, аз ҷумла Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ, Озмоишгоҳи таълимӣ ва ташхиси фарматсевтӣ, озмоишгоҳҳои таълимии химия, биология, физика ва Маркази таълимии дандонсозӣ, ошхона бо 80 ҷойи нишаст, ҳуҷраи техникӣ, бойгонӣ, анбор ва нуқтаи санитарӣ, синфхонаи компютерӣ бо 100 ҷойи нишаст, толори барҳавои маҷлисӣ бо 300 ҷойи нишаст таъсис дода шуд. Марказу озмоишгоҳҳои мазкур ва синфхонаҳои фаннии коллеҷ бо дастгоҳу таҷҳизоти муосир ва аёниятҳои таълимию таҷрибавӣ муҷаҳҳаз карда шудаанд, ки имрӯзҳо донишҷӯён дар раванди таълим аз онҳо истифода бурда, малакаву маҳорати худро такмил медиҳанд. Ташкили дурусти дарсҳои амалӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён бевосита бо ҷараёни кори ташхису табобат машғул гардида, нозукиҳои пешаи интихобкардаашонро омӯзанд.

- Зимни ташриф ва суҳбати самимии худ бо омӯзгорони муассисаи таълимӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тарбияи мутахассисони баландихтисос ва донандагони забонҳои хориҷӣ супоришҳои мушаххас доданд. Барои амалисозии дастуру супоришҳои Сарвари давлат ҷомеаи меҳнатии Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд меҳнат намуда, омодасозии кадрҳои соҳибтахассуси ҷавобгӯ ба талаботро вазифаи аввалиндараҷаи худ меҳисобанд. Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят имкониятҳо барои таълиму тарбия дар сатҳи зарурӣ фароҳам шуда, пеш аз ҳама кӯшиш менамоем, ки эҳтиёҷоти муассисаҳои соҳаи тандурустиро ба кадрҳои миёнаи тиб қонеъ созем,- иброз медорад директори Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд Алимат Мавлонзода.

Ба таъкиди директори муассиса, Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд бо тамоми муассисаҳои тиббии вилоят ҳамкории хуб дошта, донишҷӯён аз беморхонаҳои гуногуни вилоят, аз ҷумла Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд, Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилоят, Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо, беморхонаҳои шаҳру ноҳияҳо мунтазам боздид карда, бо рафти ташхис ва табобати беморон, тарзи муносибат бо бемор, раванди табобат, доругузаронӣ, коргузорӣ мустақиман ошно мешаванд. Ҳамзамон курсҳои болоӣ дар муассисаҳои тиббии вилоят зери роҳбарии табибони соҳибтаҷриба ва ҳамширагони шафқат таҷрибаомӯзӣ намуда, нозукиҳоро азхуд менамоянд.

- Ҳадафи давлат пеш аз ҳама таъмини солимии ҷомеа аст ва барои ин дар навбати аввал мутахассис зарур мебошад. Мо то андозае дар ин амри муҳим саҳм гузошта, ба тарбияи дурусти кадрҳои миёнаи тиббӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳем. Фаъолияти имрӯзаи муассисаи касбӣ нишон медиҳад, ки дар роҳи расидан ба ҳадафҳои нек қадамҳои устувор гузошта шуда, имкониятҳои аз ҷониби давлат фароҳамшуда пурсамар истифода гардида истодаанд,- илова намуд директори Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ва афзуд, ки барои иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни боздидашон аз коллеҷ баён дошта буданд, корбарӣ идома дорад.

# РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам овард, ки рушди тамоми соҳаҳо дар заминаи сиёсати некбинонаи Пешвои муаззами миллат дар кишвар таъмин карда шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар самтҳои афзалиятноки ҷомеа ба соҳаи туризм ҳамчун самти сердаромад таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои рушди минбаъдаи он заминаи муносибро фароҳам оварда истодааст.













*Фирӯза ШАРИФӢ, муовини раиси вилояти Хатлон*

Дар сиёсати маънавиасоси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи сайёҳӣ ҷойгоҳи хоса дошта, Сарвари бедордилу дурнигар дар яке аз баромадҳои хеш вобаста ба пешрафт ва дурнамои соҳа чунин баён дошта буданд: “Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таърихи фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад”.

Ҷиҳати боз ҳам тавсеа бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, густариши равандҳои танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби харҷи бештари сармоя дар ин самт аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон тадбирҳои ҳадафманд андешида шуда, ин самти муҳим ҳамачониба дастгирӣ ёфта истодааст.

Айни ҳол дар қаламрави вилоят 931 адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ арзи вуҷуд доранд, ки аз онҳо 721 адад ёдгориҳои бостонӣ, 124 адад ёдгориҳои меъморӣ ва 86 адад ёдгориҳои монументалиро ташкил медиҳанд. Боиси қайд аст, ки ёдгориҳои таърихию фарҳангии вилоят, аз қабили Қалъаи “Хулбук”-и ноҳияи Восеъ, дайри буддоии “Аҷинатеппа”-и ноҳияи Вахш, мадрасаи “Хоҷа Машҳад”-и ноҳияи Шаҳритус ва шаҳраки “Тахти Сангин”-и ноҳияи Қубодиён ба Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил гардидаанд, ки мунтазам сайёҳон аз ин мавзеъҳо дидан менамоянд.

Мавриди қайд аст, ки барои қабули сайёҳон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои онҳо дар ҳудуди вилоят 114 адад меҳмонхона, 139 адад мавзеъҳои сайёҳӣ, 217 адад истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 138 адад тарабхона, 45 адад осорхонаҳо, 19 адад ширкатҳои сайёҳӣ, 128 адад чойхона, 363 адад банкоматҳои хизматрасониҳои бонкӣ, 50 адад хомстей ва гестхаусҳо, 238 адад ҳоҷатхонаҳои сарироҳӣ, 115 адад зиёратгоҳҳо, 45 адад боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва гулгаштҳо мавҷуд мебошанд, ки мунтазам ба сайёҳон хизмат мерасонанд.

Тавассути филиалҳои Муассисаи давлатии “Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Қубодиён, Ёвон, Данғара, Дӯстӣ, Темурмалик, Шамсиддин Шоҳин, Фархор ва филиалҳои корхонаҳои воҳиди давлатии “Маркази омӯзиши модулӣ” дар шаҳри Кӯлоб, “Маркази касбомӯзии соҳибкорӣ” дар шаҳри Норак таъсис дода шуда, бояд қайд намуд, ки дар вилояти Хатлон барои ба фурӯш гузоштани маҳсулоти дастӣ ва армуғонҳо 175 нуқтаи фурӯш ва 67 мағозаи фурӯши армуғонҳо фаъолият дошта, ҳамарӯза ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ хизмат расонида истодаанд.

Дар вилояти Хатлон мавзеъҳои сайёҳии экологӣ, аз ҷумла мамнуъгоҳҳои “Бешаи Палангон”-и ноҳияи Дӯстӣ, “Дашти Ҷум”-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, боғи табиии “Сари Хосор”-и ноҳияи Балҷувон, Парваришгоҳи “Қаратов”-и ноҳияи Фархор, мавзеи сайди моҳӣ дар Парваришгоҳи “Норак”-и шаҳри Норак, Парваришгоҳи “Чилдухтарон”-и ноҳияи Муъминобод, ёдгории табиии “Чилучорчашма”-и ноҳияи Носири Хусрав ва мавзеъҳои шикори ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Муъминобод, Фархор, Дӯстӣ ва Балҷувон бахри ҷалби сайёҳон мавриди истифода қарор дошта, дар ноҳияи Данғара парваришгоҳи ҶДММ “Хуталон” дар масоҳати шаш ҳазор гектар ташкил карда шудааст.

Ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон ва бо мақсади маълумотнокии сайёҳон сомонаи алоҳидаи сайёҳии вилоят Sayohikhatlon.tj бо се забон омода гардида, мавриди истифода қарор дорад.

Дар баробари ташкил намудани сомонаи расмии сайёҳии вилоят, инчунин дар шабакаҳои иҷтимоии “Фейсбук”, “Инстаграм” ва “Телеграм” саҳифа таъсис дода шудааст, ки маълумотҳои ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд мунтазам аз тарафи мутахассисон бо се забон ворид гардида истодааст.

Ҳамзамон, барномаи мобилии “Роҳнамо барои сайёҳон” бо маълумоти пурраи вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, ширкатҳо ва мавзеъҳои сайёҳӣ, таърихию фарҳангӣ бо замимаи аксҳо омода гардидааст, ки сайёҳон метавонанд ҳангоми набудани роҳбаладон дар мавзеъҳои сайёҳӣ аз ин маълумотҳо самаранок истифода баранд.

Ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сайёҳии вилоят бахри сайёҳон дар маркази вилоят - шаҳри Бохтар ва дар гузаргоҳҳои сарҳадии “Панҷи поён”-и ноҳияи Ҷайҳун, “Айвоҷ”-и ноҳияи Шаҳритус, фурудгоҳҳои байналмилалии шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб ва дар қисман шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар умум 21 нуқтаҳои иттилоотии сайёҳӣ таъсис ёфта, фаъолият намуда истодаанд.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи “Рушди иқтисодиёти деҳот”, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтааст, масъалаҳо вобаста ба сармояи рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла ба сатҳи байналмилалӣ расонидани мавзеи таърихию табиии “Чилучорчашма”, мадрасаи “Хоҷа Машҳад” ва мамнуъгоҳҳои “Қалъаи Хулбук” амалӣ гардида истодааст.

Тибқи маълумотҳои масъулини шаҳру ноҳияҳо ба вилояти Хатлон дар соли 2022 дар умум 462503 нафар сайёҳони дохиливу хориҷӣ ва дар моҳи январи соли 2023 дар умум 23386 нафар сайёҳони дохиливу хориҷӣ ташриф овардаанд.

Яке аз масъалаҳои калидӣ барои ноил шудан ба рушди соҳа - ин омода намудани мутахассисони баландихтисос мебошад, ки имрӯз дар 5 муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, филиали муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара ва Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб мутахассисони соҳаро аз рӯи ихтисосҳои иқтисод ва идораи сайёҳӣ, сайёҳат ва меҳмоннавозӣ, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳат омода карда истодаанд. Бо мақсади баррасӣ намудани масъалаҳои рушди соҳаи сайёҳии вилоят, мусоидат намудан ба пайвастагии бештари бахши хусусӣ бо донишҷӯёни риштаи сайёҳӣ мунтазам конфронсҳо, семинар - машваратҳо, мизҳои мудаввар баргузор гардида, барои рушди саёҳати дохилӣ бошад, саёҳатҳои наврасону ҷавонон ба мавзеъҳои таърихиву фарҳангии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Ватани азизамон ташкил гардида истодааст.

## ФУТБОЛ

# ДАР МУСОБИҚАҲОИ ЗАНОНА ДАР МАҶМУЪ 60 ДАСТА ИШТИРОК МЕКУНАНД

**Имсол дар Тоҷикистон дар мусобиқаҳои футболи занона дар маҷмуъ 60 даста иштирок мекунанд. Дар мавсими соли 2023 Лигаи футболи бонувони Тоҷикистон дар чор синну сол мусобиқот баргузор мекунад.**




Дар мавсими шашуми Чемпионати Тоҷикистон миёни бонувон 13 даста - ММВЗО «Зебонисо» (Душанбе), «Зебо» (Дӯстӣ), Мактаби махсуси футболи Конибодом, «Панҷшер» (Ҷалолиддини Балхӣ), «Ҷавонӣ» (Ҷаббор Расулов), Муассисаи давлатии Мактаби варзишии шаҳри Кӯлоб, «Суғд» (Суғд), «Бешкент» (Носири Хусрав), «Навбаҳор» (Мастчоҳ), «Ситора» (Шаҳринав), «Бунчикат» (Шаҳристон), «Ҳосилот» (Фархор) ва «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода) ширкат мекунанд.

Дар чемпионати Тоҷикистон байни духтарони то 17-сола 10 даста, миёни духтарони то 15-сола 17 даста ва миёни духтарони то 13-сола 20 даста ширкат мекунанд.

Федератсияи футболи Тоҷикистон ба дастаҳои Лигаи футболи бонувон ва Чемпионати Тоҷикистон миёни бозигарони то 17-сола либоси варзишӣ ва тӯб тақдим кард. Тибқи барномаи «FIFA League Development» барои ширкаткунандагони чемпионати кишвар миёни духтарони то 13-сола либоси варзишӣ, пойафзол ва тӯб тақдим карда шуд.

Намояндагии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон (ЮНИСЕФ) ба дастаҳои чемпионати Тоҷикистон байни духтарони то 15-сола маҷмуи либосҳои варзишӣ тақдим карда, Лигаи футболи занонаи Тоҷикистон барои онҳо тӯб ҳадя кард.

## CAFA-2023 U-20

# МУИН ҒАФУРОВ МУШТЗАНИ UFC ШУД

**Варзишгари сабуквазни тоҷик Муин Ғафуров бо қавитарин лигаи ҷаҳон шартнома баст, ки рӯзи 3-юми июн дар мусобиқаи UFC оид ба ESPN 46 дар Лас Вегас баромад мекунад.**

«Мо бо UFC шартнома бастем. Ман рӯзи 3-юми июн ҷанг мекунам»,- навиштааст размовари 27-сола дар саҳифаи Instagram-аш бидуни зикри номи рақиб.

Соли 2021 Муин Ғафуров барои ворид шудан ба UFC тавассути шоуи интихобии Дана Уайт аз Contender Series кӯшиш кард, ки дар он аз Чад Анчелигери канадагӣ мағлуб шуд.

Пас аз он Ғафуров дар зери парчами Legacy Fighting Alliance ду пирӯзӣ ба даст оварда, Херберт Рейс де Соуза ва Диего Силваро нокаут кард. Ҳамчунин, ӯ дар созмонхое чун ONE Championship, ACB ва UAE Warriors баромад кардааст. Дар маҷмуъ, Ғафуров 19 пирӯзии касбӣ, аз ҷумла 18 ғалабаи зуд ва 4 шикаст дорад.



## ҶОМИ ОСИЁ-2023

# ҶОИЗАДОРОНИ БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ СОҲИБИ ИМТИЁЗИ ЯКУМРӢ МЕШАВАНД



**Ҳукумати Тоҷикистон фармони навро тасвиб кард, ки мувофиқи он аз 1-уми январи соли 2024 ба ғолибон ва ҷоизадорони Бозиҳои олимпӣ, Паралимпӣ ва Сурдлимпӣ ҳар моҳ пардохти моддии якумрӣ дода мешавад.**

Ба онҳое, ки аз рӯйи намудҳои олимпии инфиродӣ ва дастаӣ ҷойи якумро мегиранд, 50 нишондиҳанда барои ҳисобхо (ҳоло як нишондиҳанда барои ҳисобхо 68 сомонӣ аст), 30 нишондиҳанда барои ҷойи дуюм ва 20 нишондиҳанда барои ҷойи сеюм муқаррар шудааст.

Ин маблағҳои нақдӣ ба ғолибон ва ҷоизадорони Бозиҳои олимпӣ, ки дар даврони истиқлол соҳиби мукофотҳо гардидаанд, пардохт карда мешавад.

Дар баробари ин қайд карда мешавад, ки агар ба варзишгар аз тарафи созмонҳои зиддидопинг барои вайрокунии эхтимолии қоидаҳои зиддидопинг ҷазо дода шавад, пардохт умрбод қатъ мешавад. Агар қонуншиканиҳо тасдиқ нашаванд, пас пардохтҳо идома хоҳанд ёфт.

Дар ҳоли ҳозир варзишгарони Тоҷикистон аз Бозиҳои олимпӣ 4 медал ба даст овардаанд, ки аз ин 1 тилло, 1 нукра ва 2 биринҷӣ мебошад. Медали тиллоро гурзандоз Дилшод Назаров, нукраро паҳлавони куштии озод Юсуф Абдусаломов, биринҷиҳоро ҷудокор Расул Боқиев ва муштзан Мавзуна Чориева соҳиб шудаанд.

## ҶУДО

# 34 ВАРЗИШГАР АЗ ТОҶИКИСТОН ДАР ГРАН ПРИИ ДУШАНБЕ ШИРКАТ МЕКУНАНД

**Аз 2 то 4-уми июни соли 2023 дар шаҳри Душанбе мусобиқаи байналмилалии ҷудо - Гран Прии Душанбе баргузор мешавад, ки дар он Тоҷикистонро 34 варзишгар намояндагӣ мекунанд.**




Гран Прии Душанбе дар доираи мусобиқоти «Сайри ҷаҳонии ҷудо»-и Федератсияи байналмилалии ҷудо баргузор шуда, мусобиқаи интихобӣ ба Бозиҳои олимпии Париж-2024 мебошад.

Барои иштирок дар Гран Прии Душанбе то имрӯз ҳудуди 300 варзишгар аз 40 кишвари дунё номнавис шудаанд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба ҳайси мизбон дар ҳайати 34 варзишгар - 28 мард ва 6 зан дар ин мусобиқа иштирок мекунад. Инҳо дар байни мардон дар вазни -60 кг Муҳаммадсолеҳ Қувватов, Меҳрзод Суфиев, Ҳақдод Ғулов, Муҳаммад Маҳмадизода, -66 кг Эмомалӣ Нуралӣ, Обид Ҷебов, Шаҳбоз Саидаброров, Фирӯз Мелибойзода, -73 кг Беҳрӯз Хоҷазода, Муҳаммадшариф Наҷмиддинов, Абубакр Шеров, Мирзоҷамил Рамазонов, -81 кг Сомон Маҳмадбеков, Шодмон Ризоев, Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода, Сайфиддин Сайфиддинзода, -90 кг Комроншоҳ Устопириён, Ҷаҳонгир Маҷидов, Ҳақназар Назаров, Акмал Муродов, -100 кг Абубакри Акобир, Исроил Раҳимов, Эмомризо Анварзода, Раҳматулло Мирзоев, +100 кг Темур Раҳимов, Мансур Раҳмон, Иброҳим Элмуродов, Шакармамад Мирмамадов, дар байни бонувон дар вазни -48 кг Шукрона Қарчиева, Мадина Қурбонзода, -52 кг Аҳлия Муъминова, -57 кг Шоҳида Қаландарова, Фазилат Гулбоева, -63 кг Мавлуда Одинаева ҳастанд.

## РЕЗААХБОР

Марҳилаи финалии мусобиқаи байналмилалии Лигаи минтақавии ҷудо ба таъхир гузошта шуд. Мусобиқа байни 7 клуб аз Русия ва 1 клуб аз Тоҷикистон, ки 8-уми июл ба нақша гирифта шуда буд, аввали зимистон дар Маскав баргузор мешавад. Дар он дастаҳои «Ахмат» (Грозний), СОРБИС (Маскав), “Урал-Сибири Ғарбӣ”, “Родина” (ҳар ду аз Екатеринбург), “Локомотив Грин Хилл” (Налчик), “Явара-Нева” (Санкт-Петербург), «Ҳоҷӣ Шариф» (Душанбе) ва «Динамо» (Уфа) иштирок мекунанд.

***

21-уми май дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон марафони миллии дав ва пойгаи дучархаронӣ баргузор шуд. Дар марафони дав 53 ҳазору 700 нафар ва дар пойгаи дучархаронӣ 1560 кас ширкат карданд. Марафони миллии дав ва пойгаи дучархаронӣ дар пойтахт аз маҳаллаи Чорбоғ оғоз гардида, маҳали ниҳоии он «Наврӯзгоҳ» буд. Ин 16-уми фасли марафони миллии дав буд.

***



Ҳимоятгари тими миллии Тоҷикистон Ваҳдат Ҳанонов дар ҳайати бошгоҳи футболи «Персеполис» қаҳрамони Эрон шуд. Дар даври ниҳоии чемпионати Эрон «Персеполис» дар меҳмонӣ бар «Нассочии Мозандарон» (4:0) пирӯз шуд. «Персеполис» дар 30 бозӣ бо 66 имтиёз ғолиби чемпионат гардид. Бозигарони «Сипоҳон» соҳиби медалҳои нукра (65 хол) ва дастаи «Истиқлол» (62 имтиёз) барандаи нишони биринҷӣ гардиданд.

***

Дар кишвари Аргентина Чемпионати ҷаҳонии футбол байни дастаҳои ҷавонон идома дорад. Дар ин мусобиқа аз Осиёи Марказӣ дастаи мунтахаби ҷавонони Ӯзбекистон ширкат дорад, ки дар бозии аввал аз дастаи Аргентина бо натиҷаи 1:2 мағлуб шуд. Дар бозии дуюм ҷавонони Ӯзбекистон дар як бозӣ бо Зеландияи Нав бо ҳисоби 0:2 мағлуб мешаванд, аммо дар қисми дуюм бозиро мусовӣ карданд. Бозии навбатии ӯзбекҳо бо дастаи Гватемало аст.

*Доғи рӯз*

# "ДЕД"-ҲО ҶАЗО МЕГИРАНД

## Суди Олӣ шаш нафарро дар робита ба латукӯби сарбозон муҳокима мекунад

**Суди Олии Тоҷикистон ба баррасии парвандаи шаш сарбоз ва афсаре шуруъ кардааст, ки пас аз паҳн шудани видеои латукӯби наваскарон боздошт шуданд. Ин навор як моҳ пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ вокунишҳои манфиро ба бор овард.**



Коллегияи ҳарбии Суди Олии Тоҷикистон баррасии парвандаи шаш нафарро рӯзи 23-юми май оғоз кардааст. Як намояндаи Суди Олӣ ин маълумотро ба "Озодӣ" тасдиқ карда, гуфтааст, ки мурофиа дар бинои Суди ҳарбии гарнизони шаҳри Хуҷанд мегузарад. Судяҳои Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ як рӯз пеш дар Хуҷанд ҷамъ омадаанд.

Сарбозон Ҷонибек Қосимзода, Фахриддин Азимов, Аъзам Камолов, Маҳмадназар Нозимов, Ҳоҷиакбар Сайфуллоев ва подполковник Нузҳат Лазуриев ҷавобгар ҳастанд. Ин афсар то лаҳзаи боздошт сардори комендатураи якуми "Ворух" буд.

Панҷ сарбоз ба "вайрон кардани қоидаҳои оинномавӣ" муттаҳам мешаванд. Қисми 2-и моддаи 373-и Кодекси ҷиноятӣ барои ин иттиҳом аз панҷ то даҳ сол зиндонро пешбинӣ мекунад.

Подполковник Нузҳат Лазуриев ба сӯиистифода аз мақом ва баромадан аз ҳадди ваколати хидматӣ муттаҳам аст. Ин банди қонун (моддаи 391, қисми 3, банди "б")-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон аз ҳашт то дувоздаҳ сол зиндонро дар назар дорад.

Назари сарбозону афсари боздоштшуда ва наздиконашон дар робита бо парванда дастрас нест. Маълум нест, ки онҳо ба иттиҳоми эълоншуда то куҷо розианд.

Ин панҷ сарбоз муҳлати хидматро ба поён расонида буданд ва дар хонаҳояшон боздошт шуданд. Қазияи онҳоро Прокуратураи ҳарбии вилояти Суғд давоми қариб як моҳ таҳқиқ кард.

Навори латукӯби сарбозон дар охири соли 2022 дар як қисми марзбонӣ сабт шудааст. Онро дар авҷи мавсими даъвати баҳории ҷавонон ба артиш дар шабакаҳои иҷтимоӣ гузоштанд. Мақомот мегӯянд, ки пахши навор ба рафти даъват таъсир надошт, ҳарчанд хашми бисёре аз корбаронро барангехт.

Бадрафторӣ ё "дедовшина" дар артиши Тоҷикистон дарди кӯҳна аст. Ҳар чанд вақт хабарҳо дар бораи захмӣ шудан ё фавти сарбозон ба расонаҳо роҳ меёбад.

*Муҳоҷират*

# ҲОМИИ ҲУҚУҚИ МУҲОҶИРОН ПАСИ ПАНҶАРА РАФТ



**Суди ҳарбии ҳавзаи дуюми ғарбии Маскав ҳомии ҳуқуқ Баҳром Ҳамроевро дар "даъватҳои оммавӣ ба терроризм дар интернет" ва "ташкили фаъолияти созмони террористӣ" гунаҳкор дониста, ба 14 соли зиндон маҳкум кард.**

Ба иттилои маркази ҳомии ҳуқуқи "Мемориал", бо ҳукми додгоҳ 3 соли аввалро Ҳамроев дар зиндон ва муҳлати боқимондаи ҷазоро дар муассисаи ислоҳии низомаш сахт адо мекунад.

Рӯзноманигорони Маскав хабар медиҳанд, ки Баҳром Ҳамроев ба мурофиаи додгоҳӣ бо шиори «Политический пожар - опасный» (Сӯхтори сиёсӣ хатарнок аст) ҳозир шудааст.

"Теъдоди маҳбусони сиёсӣ кофист. Мусулмонон фаҳмиданд, ки бо кӣ сарукор доранд. Мусулмонон мефаҳманд, ки Русия душманӣ дорад ва далелҳои зиёде дар ин бора ҳаст. Ман аз он одамоне, ки дар Ӯзбекистон ба диктатура дучор шуда буданд, ҳимоя мекардам. Ҳуқуқи инсон (дар Русия) аз Чин дида бадтар аст. Мусулмононе, ки намехоҳанд дар Украина ҷанг кунанд, саркӯб хоҳанд шуд. Мақомот ишора мекунад, ки онҳо душмани додхилианд",- истинод овардааст ба гуфтаҳои Ҳамроев нашрияи "Сота".

Қаблан ВАО хабар дода буданд, ки додситон барои Баҳром Ҳамроев 21 соли зиндон дархост намудааст.

Баҳром Ҳамроев натанҳо роҳбари фонди кумаки ҳуқуқӣ ва иҷтимоии муҳоҷирон "Ёрдам", балки узви маркази ҳомии ҳуқуқи "Мемориал" низ мебошад.

Ҳомии ҳуқуқро охири моҳи феврали соли гузашта барои навиштаҳояш дар Facebook боздошт намуданд. Ҳамон вакт дар манзили Ҳамроев, ки бо иттиҳоми "сафедсозии терроризм" (моддаи 205.2-и Кодекси ҷиноятии Русия) муттаҳам мешуд, кофтуков гузаронида шуда, сипас ӯ ба боздоштгоҳи муваққатӣ (СИЗО)-и Лефортово фиристода шуд.

Хадамоти федералии амният дар навиштаҳои Ҳамроев унсурҳои пуштибонӣ аз созмони фаъолияташ дар Русия манъшудаи "Ҳизб-ут-таҳрир"-ро пайдо кардааст.

Баҳром Ҳамроев, зодаи Бухоро ва узви ҳаракати мухолифи "Бирлик" дар соли 1992 бо сабаби таъқиби сиёсӣ маҷбур шуд, ки Ӯзбекистонро тарк кунад.

Тайи 25 соли ахир Ҳамроев ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон, гурезаҳо ва мусулмонон машғул буд. Ӯ аз мунтақидони сарсахти режими собиқ сарвари давлати Ӯзбекистон, марҳум Ислом Каримов аст, ки борҳо дар назди муҷассамаи аввалин президенти Ӯзбекистон дар Маскав тазоҳурот баргузор кардааст.



# Ҷиноят ва ҷазо

## ТАНФУРӮШ 9 НАФАРРО СПИД КАРД

**Як зани 52-солаи сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба дидаю дониста ба хатари ба бемории қаттоли вируси норасоии масунияти бадан (ВИЧ ва СПИД) гирифтор кардани 9 сокини вилояти Суғд айбдор мешавад.**



Дар гузорише, ки рӯзи 18-уми майи соли 2023 дар нашри навбатии барномаи "Ахбори ВКД" нашр шуд, гуфта мешавад, ки ин ҷиноят аз ҷониби кормандони шуъбаи кофтукови ҷиноятии Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд ошкор карда шуд.

Акбар Шарифӣ, сухангӯи милитсияи вилояти Суғд гуфт, ин зани солхӯрда, ки ба далелҳои ахлоқӣ номаш нашр нашудааст ва чеҳраашро ҳам пӯшонида буданд, медонист, ки гирифтори бемории ВИЧ ва СПИД аст ва ба таври хаттӣ ҷиҳати худдорӣ аз паҳн кардани он забонхат ҳам дода буд, вале боз ҳам дидаю дониста бо 8 сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва як сокини шаҳри Бӯстон алоқаи ҷинсӣ карда, онҳоро дучори хатари гирифторӣ ба ин бемории қаттол кардааст.

## ШАЪНУ ЭЪТИБОРИ СУДЯРО ПАСТ МЕЗАД...

**Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон раиси Суди ноҳияи Ҷаббор Расулов ва як судяи суди ВМКБ-ро барои "кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад", аз вазифа озод кард.**

Ин нафарон Зафар Қодирзода ва Насрулло Садриддинзода мебошанд. Радиои Озодӣ моҳи апрели соли равон хабар дода буд, ки Зафар Қодирзода "дар ҳудуди шаҳри Душанбе боздошт шуда, Додситони кулли Тоҷикистон нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст". Манбаъ навишта буд, ки "ӯ ба гирифтани пора ва қаллобӣ" айбдор мешавад ва "бархе ҷиноятҳоро ӯ дар замони кораш дар шаҳри Ваҳдат ва бархеи дигарро дар ВМКБ содир кардааст".

## МАНСАБДОР БО ПОРА БА ДАСТ АФТОД



**Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон аз боздошти раиси Кумитаи замини ноҳияи Рашт Алимардон Ҷабборов бо иттиҳоми ғайриқонунӣ фурӯхтани қитъаҳои замин ва гирифтану додани пора хабар дод.**

Худи Алимардон Ҷабборов даст доштанаш дар фурӯши заминҳоро эътироф кард ва аз ҷумла гуфт: "Бо ҳар кадом аз ин сокинони ноҳияи Рашт барои ҷудо кардани қитъаҳои замини ҳавлӣ ба маблағи 2 ҳазор сомонӣ маслиҳат мекардам".

Дафтари матбуоти КДАМ гуфт, ки баъди ошкор шудани аъмоли ғайриқонуниаш Алимардон Ҷабборов хост бо пешниҳоди пора ба кормандони амният худро аз ҷавобгарӣ халос кунад, вале "ба ин мақсади нопокаш расида натавонист". 8-уми майи соли 2023 Алимардон Ҷабборов ҳангоми кӯшиши додани пора ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ бо далелҳои шайъӣ дастгир шудааст.

Ба зидди раиси ҳамакнун собиқи Кумитаи замини ноҳияи Рашт бар асоси ду моддаи Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон - 320 (додани пора) ва 323 (сохтакории хидматӣ) парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд. Ба ӯ барои сохтакории хидматӣ ҳамчун ҷазо ҷарима ва ё то 2 соли зиндон ва барои додани пора то 10 соли зиндон таҳдид мекунад.

# ХАМИРТУРУШ Ё ЗАҲР?!

**Мо ҳамарӯза нон ва маҳсулоти нониеро, ки ба воситаи хамиртуруши сунъӣ (дрож) омода карда мешавад, истеъмол карда, фикр намекунем, ки он то чӣ ҳад ба саломатии инсон зараровар аст. Зеро дрож аз замбуруғи сунъӣ, ки дар табиат вуҷуд надорад, таҳия мешавад.**




Фарзияе ҳаст, ки хамиртуруши сунъӣ дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ пайдо шуда, мувофиқи баъзе маъхазҳо, онро олимони олмонӣ бо мақсади эҷоди силоҳи биологӣ таҳия кардаанд. Тибқи идеяи лоиҳаи онҳо «Der kleine Morder» («қотилони хурдакак»), хамиртуруше, ки ба бадани инсон ворид мешавад, бояд онро аз ҳисоби маҳсулоти мубодилаи моддаҳо (кислотаҳои паралитикӣ) заҳролуд кунад. Ин намуди хамиртурушро хамиртуруши термофилӣ низ меноманд. Зарари он дар таркиби нон мавзӯи баҳси олимон ва нонпазҳост. Онҳо бовар доранд, ки хамиртуруш ҳангоми нав истеъмол шуданаш ба организм зараровар аст, аммо ҳангоми пухтани нон, ки ҳарорати дохили он ба 98 дараҷа мерасад, хамиртуруши термофилӣ мемирад. Вале исбот шудааст, ки хамиртуруши дар шароити замонавӣ истеҳсолшуда метавонад хатто дар 500 дараҷа гармӣ инкишоф ёбад. Он дар баробари нон ба организм дохил шуда, микрофлораи рӯда ва кори дигар узвҳоро вайрон мекунад.

Тасодуфӣ нест, ки дар Конгресси дуюми умумиҷаҳонии тиби гиёҳӣ дар Прага соли 1990 профессор Ларберт доир ба таъсири нони аз хамиртуруши сунъӣ омодашуда сухан ронда, қайд намуд, ки истеъмоли тӯлонии ин гуна нон боиси як қатор беморихо, аз ҷумла бемории гемоглиоз мегардад. Ин бемориӣ бо дарди сар, хоболудӣ, асабоният, сустшавии хотира, афзоиши часпакии хун ва мушкилоти ҳозима оварда мерасонад. Ларберт бар ин назар аст, ки гемоглиоз аз бемории сил бештар маъмул ва хатарноктар аст.

Олимон исбот кардаанд, ки хамиртуруш ба бемориҳои ниқрис, дисбактериоз ва гурда таъсири манфӣ мерасонад. Ғайр аз ин, метавонад занҳоро мубталои бемории кандидоз (молочница) гардонад.

Дар ИМА, Шветсия ва дигар давлатҳо истеъмоли нони бе хамиртурушро роҳандозӣ кардаанд, ки бемории саратонро пешгирӣ мекунад.

Алтернативаи хамиртуруши термофилӣ хамирмояи хонагӣ мебошад. Аксар олимони соҳа низ истифода аз хамирмояро тавсия медиҳанд.

Таъкид мекунанд, ки истифодаи хамиртурушҳои хушк барои корхонаҳои нонбарорӣ ва нонвойхонаҳо аз нигоҳи сарфаи вақт басо мувофиқанд, зеро хамирро дар муддати ду соат мерасонад. Хамиртуруши урфӣ бошад, хамирро дар панҷ-шаш соат омода мекунад. Гарчанде хамирмояи урфӣ вақти зиёдтарро мегирад, истифодаи он ба организм безарар аст. Зарари нони бо хамиртуруши хушк омодашударо нафароне низ мушоҳида мекунанд, ки аз истеъмоли он даст кашидаанд. Пеш аз ҳама, зардаҷӯш аз байн рафта, равандҳои ферментатсия низ он қадар фаъол намешавад. Бо истинод ба ин далелҳо мо бояд хулоса худро дошта бошем.

# БОИМҶОН – ДАРМОНБАХШИ КАЛОНСОЛОН

**Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таркиби боимҷон аз 93,2% об, қариб 3% шакар, то 1,2% намаки калий, калтсий, магний, каротин, витаминҳои B2 ва C иборат буда, истеъмоли он махсусан барои одамони солхӯрда муфид аст.**



Дар таркиби боимҷон моддае бо номи мелонген мавҷуд аст, ки хусусияти зиёди шифоӣ дорад. Ин модда дар меваи боимҷон ҳангоми пухта расиданаш ҷамъ мешавад.

Боимҷон ба сифати ғизои табобатӣ барои муолиҷаи бемории варами рагҳои хунгузар муфид аст. Истеъмоли мунтазами он миқдори холестерини таркиби хунро то ба 50% кам мекунад.

Онро ҳамчун давои беҳтарин барои шахсоне, ки гирифтори бемории қалбанд, дар шакли ҳаб (таблетка) дар дорухонаҳо тавсия мекунанд.

Дар баробари ин боимҷон барои муолиҷаи бемориҳои гурда, ҷигар, меъдаву рӯда ва сахтшавии меъда давои хуб аст.

Шарбати нимпухтаи боимҷон қобилияти бактериякушӣ дорад. Яъне, он барои илоҷи захмҳои решдори пӯст малҳами хубест. Ҳамчунин, агар нохост ягон ҷойи аъзои бадан захмӣ шавад, ба ҷои зелёнка шарбати боимҷонро истифода бурдан мувофиқи матлаб аст.

Барои тайёр намудани шарбати дармонбахш як миқдор боимҷони хушккарда ва резакардаро ба 1 литр об андохта, муддати 20 дақиқа бояд ҷӯшонид. Маҳлули ҳосилшударо ба сифати давои дарди дандон ва милкҳо истифода мебаранд.

# Толеънома


**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

*Аввали ҳафта бо касе баҳс накунед, зеро хавфи ранҷонидани дӯсти наздик, шарики корӣ ё роҳбаратон вуҷуд дорад. Сешанбе барои ҳалли мушкилоти ҳаётан муҳим ба шумо маблағи калон лозим мешавад. Даромади пулиро ин ҳафта интизор нашавед.*


**Савр**
**21.04 - 21.05**

*Ин ҳафта бароятон имкони нави корӣ пайдо мешавад. Вохӯрие, ки рӯзи сешанбе сурат мегирад, дари имкониятҳои навро ба рӯятон боз мекунад. Баъзе саврҳои чаққону кордон дар зинаи мансаб болотар баромада, соҳиби вазифаи равғанин хоҳанд гашт.*


**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

*Ин ҳафта дар ҳолати ногуворе афтода, дар ҳалли мушкили ба саратон омада ҷигархун мешавед. Беҳтараш аз дӯстонатон мадад пурсед, «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» гуфтаанд. Барои ба даст овардани даромади калони пулӣ ҷонатонро дар хатар намонед.*


**Саратон**
**22.06 - 23.07**

*Ҳафтаро бо шиносоиҳо ва вохӯриҳои ошиқона оғоз менамоед. Зимни муносибат бо одамони ношинос бисёр эҳтиёткор бошед. Ба касе дарди дил накунед, фаромӯш насозед, ки рақибон барои бадном кардани шумо пайти муносиб меҷӯянд.*


**Асад**
**23.07 - 22.08**

*Аввали ҳафта бароятон маблағи начандон калон лозим мешавад. Аз қарз гирифтан худдорӣ намуда, маблағи дар ҷайб доштаатонро истифода баред. Дар бобати саломатӣ эҳтиёт шавед, хавфи хуруҷ намудани баъзе бемориҳои мавсимӣ вуҷуд дорад.*


**Сумбула**
**23.08 - 22.09**

*Ин ҳафта шахсе, ки дӯст мешуморидед ё ба ӯ изҳори муҳаббат карда будед, шуморо бо як рафтори ноҷояш дар ҳолати ногувор мемонад. Агар тавонед, гуноҳи ӯро бубахшед, Худованд бахшандагонро дӯст медорад. Даромади калони пулиро нимаи дуюми ҳафта интизор шавед.*


**Мизон**
**25.09 - 22.10**

*Ин ҳафта намояндагони бурҷи мизон бояд тамоми рафтору кирдорашонро дар тарозуи ақл баркашида, аз дилозориву бадзабонӣ худдорӣ намоянд. Вақтҳои охир аз нобарориҳи корҳоятон сахт асабӣ шуда, атрофиёнро беҳуда меранҷонед.*


**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

*Ин ҳафта бояд тарзи зиндагиятонро тағйир диҳед. Сар то по ба кор фурӯ нарафта, барои истироҳат кардан низ вақт ҷудо кунед, вагарна аз хастагии зиёд ба бистари беморӣ меафтед. Фурсати он расидааст, ки ақрабҳои муҷаррад аз пайи ҷустуҷӯйи бахт шаванд.*


**Қавс**
**25.11 - 21.12**

*Ин ҳафта дар ҷойи коратон байни шумо ва роҳбарият баъзе нофаҳмиҳо сар мезананд. Нахӯди пеши қошуқ шуда, гапгардонӣ накунед, беҳтараш баҳсро бо хушӣ анҷом диҳед. Нимаи дуюми ҳафта бо имзо шудани шартномаи нав зиндагии шумо куллан тағйир меёбад.*


**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

*Аввали ҳафта шуморо мушкилиҳо ва давутози зиёд интизор аст. Воҳима карда, атрофиёнро талхакаф накунед. Агар зӯратон ба мустақилона ҳал кардани мушкилот нарасад, аз дӯстонатон мадад пурсед, онҳо шуморо танҳо намегузоранд.*


**Далв**
**21.01 - 19.02**

*Ҳафтаи нав тамоми диққататонро ба саломатиатон равона намуда, бемориҳои мавсимиатонро табобат намоед, вагарна ҳолатон бад мешавад. Нимаи дуюми ҳафта дар ҳаётатон як мушкилии ночиз сар зада, шуморо каме асабонӣ месозад.*


**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

*Дар ин ҳафта бояд дар бораи муносибати ошиқонаатон фикр кунед, зеро серкориатон боиси норозигии ҳамсар ё дӯстдоштаатон мегардад. Эҳтимол байнатон ҷангу ҷанҷол бархезад. Нофаҳмиҳоро оромона бартараф намуда, дили маҳбубатонро бо меҳрубонӣ ба даст биёред.*

# ХОТИРБИНӢ, ХУДКУШӢ ВА СОХТАНИ КОМАНДА

(Аввалаш дар саҳ.4)




**- Фарзандони шумо то ҳол мехонанд ё аллакай шуғле ҳам доранд? Вақте ки ба сафар мебароед, чӣ гуна рафти хониши онҳоро назорат мекунед?**

- Онҳо мехонанд. Як фарзандам дар мактаби "Оксфорд"-и шаҳри Хуҷанд таълим гирифта истодаст. Вақте ки омадам, ҳар як муаллимашро пурсидам. Бар замми ин, журнали электрониашро ҳамеша аз назар мегузаронам. Нигоҳ кардам, ки баҳоҳояш маъқул нест. Бо муаллимонаш суҳбат кардам. Баъд, худашро даъват карда, суҳбат доштам. Гуфт, ки барояш як телефони нағз харида диҳам. Пурсидам, ки телефон барои чӣ лозим аст? Гуфт, ки ҳамсинфонаш телефонҳои қиммат доранд, ӯ бошад, шарм мекунад. Хуб гуфтаму телефонро оварда ба дасти директор супоридам. Ба директор гуфтам, ки агар писари ман то охири сол аз тамоми фан баҳои аъло гирад, телефонро ба ӯ диҳед, вале агар натавонад, телефонро ба ҳамон бачае диҳед, ки аълохон аст. Вақте ки дар пеши чашмаш як чизро бой диҳад, баъд даркаш зиёдтар мешавад. Рости гап, аз ҳамон рӯз ба хондан даромад. Муаллимонаш мегӯянд, ки ӯ комилан дигар шуд.

Бинобар ин, вақте ки ҳар чӣ муфт ба даст меояд, бақадр асту зуд барбод хоҳад рафт. Дар зиндагӣ онҳоеро дидем, ки падарашон доро буданд, баъди марг фарзандон сармояро саришта карда натавонистанд. Тез бо панҷшоха ба бод доданд. Чунки онҳо аз меҳнати дигарон калон шудаву заҳматро надидаанд. Ба фарзанд ҳеҷ гоҳ ҳама чиро муфт додан мумкин нест. Дар ҳар авлод як кас муваффақ аст. Баъзан, ба ҳешу табор пул диҳед, одат мекунанд. Дигар кор ҳам намекунанд, дасти шуморо нигоҳ карда меистанд. Ман инро ёрдам не, балки садақа мегӯям. Шумо баръакс, ёд диҳед, ки худ пул кор карданро омӯзанд. Бо пул тақдири пайвандонатон ва сифати зиндагиро дигар карда наметавонед. Майнаи сари ӯро шумо баръакс, бемор мекунед, аз фикр кардан мемонад ва намедонад, ки чӣ гуна зиндагиро созад.

## 5 омили тими муваффақ

**- Шумо ҳамеша дар боби муваффақияти ширкатҳои худ ва зердастон ҳарф мезанед. Аз сохтани тими муваффақ то нигоҳ доштани мутахассис чӣ бояд кард?**

- Панҷ омиле ҳаст, ки мутахассис дар корхона намемонад.

Якум, мутахассис мебинад, ки лидер суст аст ва умраш беҳуда мегузарад.

Дуюм, мебинад, ки дар корхона низоми корӣ нест. Дар натиҷа тамоми сарборӣ ба сари мутахассис меафтад: ҳолати равонӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ... Роҳбар ҳам супоришҳоро ба мутахассис медиҳад. Зеро медонад, ки мутахассис дилпур асту корро босифат анҷом медиҳад.

Сеюм, командаи заиф. Мутахассис мебинад, ки команда заиф аст ва имкони пеш рафтанро намебинад. Ҳамон донишу таҷрибае, ки дар ҳаёт гирифта буд, бо ҳамон боқӣ мемонад.

Чорум, мебинад, ки маблағи ширкат дар гардиш хеле паст аст. Қувваи зиёд сарф мекунад, аммо даромади кам ба даст меорад.

Панҷум, стратегия ва перспективаро намебинад.

Бинобар ин, агар хоҳем, ки корхонаи боқувват созем, бояд шароите муҳайё кард, то мутахассис худаш биёяд. Ҳоло аз ҳама бозори серрақобат ва серталабот бозори мутахассис аст. Ба кадри боқувват дар ҳама ҷо талабот ҳаст.

**- Шумо дар ширкатҳои худ чӣ гуна кадрро интихоб мекунед?**

- Ман кадре интихоб мекунам, ки миссияи ширкатро фаҳмад. Перспективаи ширкату мазмуни кори моро дарк кунад. Сипас, дар дил орзу дошта бошаду аз пайи мақсад равад. Ман шароите сохтаам, ки каме лаёқат дошта бошад, метавонад худро инкишоф диҳад. Ягон кадри боқувват аз корхонаи мо намеравад. Равад ҳам, боз 1 сол пас баргашта меояд. Кадрҳои миёнаро бошад, худамон ҷавоб медиҳем, вале ҳамчун рафиқ боқӣ мемонем. Мо ҳамин гуна шарт мондаем, ки касе, ки манфиатҳои корхонаро ҳифз намекунад, ҷавоб медиҳем. Касе, ки заҳмат мекашад ва манфиати корхонаро ҳимоя мекунад, кадрдонӣ мекунем. Зеро моро компания пайванди ҳам мекунад. Мо на барои он ҷамъ мешавем, ки футбол бозӣ кунем ё чойнӯшиву суҳбат. Барои он гирди ҳам меоем, ки кумак кунем, то компания ба мақсад расад. Хотирбинӣ дар корхона набояд бошад. Агар хотирбинӣ кунед, компания сохта наметавонед.

## Аз дуди шашлик то насиҳати модар

**- Бархе дарсҳои шуморо дар ютуб дуди шашлик мегӯянд. Чаро худи шашлик нест?**

- Дар ютуб ҳамагӣ 1-2 фоиз илм медиҳам. Боқимондаро дар тренингҳо мегӯям. Чунки дар ютуб ҳар хел одам аст. Агар камтар саросема шаванд, карздору муфлис мешаванд. Бинобар ин, мо донишҳои молиявиро оҳиста-оҳиста медиҳем.

**- Чанд саволи кӯтоҳ. Зудтарин роҳи ба ҳадаф расидан кадом аст?**

- Устод ёбед. Дар соҳае, ки устод бошад, инсон муваффақ мешавад.

**- Дар зиндагӣ чӣ инсонро хушбахт мекунад?**

- Худшиносӣ.

**- Аз нигоҳи равоншиносӣ хатарноктарин одам дар зиндагӣ кист?**

- Одаме, ки барои анҷоми коре халал мерасонад ва мегӯяд, ки ту ҳамин корро карда наметавонӣ. Ин гуна одамҳо шуморо гумроҳ мекунанд.

**- Зеботарин рӯз дар ҳаёти шумо кадом буд?**

- Зеботарин рӯз бисёр аст. Вале вақте ки якум бор писардор шудам, ҳеҷ аз ёдам намеравад. Чунки ман чандин сол фарзанд надоштам.

**- Мушкилтарин рӯз кадом буд?**

- Вақте ки бисёр қарздор будаму роҳи наҷотро надонистам. Ҳатто, илоҷе наёфтам, қариб даст ба худкушӣ мезадам. Баъд, нишастаму фикр кардам. Ман мурда равам, ҳамаи қарзҳо ба фарзандонам мемонанд ва ин роҳи наҷот нест. Хестаму назди модарам ба деҳа омадам. Модарам гуфтанд, ки писарам, агар ту ба мушкилӣ афтодӣ, маъно ин аст, ки ҳамин роҳи ту аст. Ҳамин роҳ туро муваффақ мекунад. Баргашта рав, меҳнат куну пули мардумро баргардон. Худованд ҳар чӣ медиҳад, калидашро ёфта кушодан даркор аст. Ояндаи ту дар дохили ҳамин муаммо аст. Аз тақдир рӯй нагардон ва натарс. Агар ту ҳаминро ҳал карда тавонӣ, бузургтарин шахс мешавӣ. Бо ҳамин модарам рӯшан нуктаи нигоҳи маро дигар карданд.

**- Чӣ шуморо ҳар субҳ умед ба зиндагӣ мебахшад ва ҷониби коргоҳ мебарад?**

- Мақсадҳо. Мақсад ҳамон тавре бошад, ки ҳар гоҳ атрофаш фикр мекунед, дохилатон пури энергия шавад. Пайи мақсади ҳақиқӣ бояд рафт. Мақсад ба шумо бояд қувват диҳад, на хастаҳол созад.

**- Шогирд ё фарзанде доред, ки дар симои ӯ муваффақияти худро бинед?**

- Бале. Шогирдони боақлу қадрдон зиёд дорам. Фарзандонам ҳам ояндаи дурахшон доранд. Шукр мегӯям.

Мусоҳиб:
**Усмон РАҲИМЗОДА**

---

## Мавлуднома

**• 24 МАЙ •**

**Сабоҳатхон Абдуллоева** (1953), 70-солагии зодрӯзи муаррих.

**Саймуддин Бурҳонов** (1928-1993), 95-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Сафарбек Давлатов** (1933-2004), 90-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Додоҷон Музаффаров** (1923-1997), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**• 25 МАЙ •**

**Бекмуҳаммад Ҳабибулло** (1948-2017), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдуҳофиз Бобоҷонов** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Камол Ёқубӣ** (1938), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

**Тоҳирҷон Қурбонов** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

**Болтабой Толбаев** (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Раҳмат Ташрифзода** (1938-2010), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**• 26 МАЙ •**

**Хушқадам Қамариддинов** (1933-2017), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Абдулқосим Қаҳҳоров** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Кенҷа Ҳасанов** (1938), 85-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**• 27 МАЙ •**

**Ғаффор Каримов** (1938), 85-солагии зодрӯзи актёри театр ва кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Бурҳонҷон Ризоев** (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Винсет Монтей** (1913-1999), 110-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**• 28 МАЙ •**

**Таисия Морозова** (1928), 95-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

**Мардон Муҳаммадиев** (1928-2015), 95-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Бовар Хусравов** (1938), 85-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдураҳмон Ҳоҷиев** (1928), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

**Нурулло Шарифов** (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**• 29 МАЙ •**

**Амирҳайдар Давлатов** (1938-1998), 85-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Аҳрор Ёрмуҳаммадов** (1908-1982), 115-солагии зодрӯзи мутриб, сароянда, оҳангсоз.

**Муаттара Ҳайдарова** (1953), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

**• 30 МАЙ •**

**Раҳматулло Зокиров** (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Абдуллои Сафар** (1938-2013), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Ғарибсултон Худоёрбекова** (1923), 100-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Шамсиддин Сафарзода** (1992), 31-солагии зодрӯзи олими ҷавон, номзади илмҳои педагогика.

**• 31 МАЙ •**

**Ғайрат Адҳамов** (1958), 65-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**Леон Баринштейн** (1893-1996), 130-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Сабзаҷон Шоисмоилова** (1923-2001), 100-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

### ► ҲАВЛӢ

► Ҳавлии фурӯшӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳоз, дарову зиндагӣ кун ё бо 2-хуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандии А7047220 ба номи Шоймуродов Хасан Облокулович, ки санаи 29-уми марти соли 2012 аз ҷониби ШКД-2 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0474793 ба номи Абдуллоев Қодирҷон Баҳодурович, соли таҳсили 2010-2011, ки аз ҷониби МТМУ №50-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира дар реестри №9Д-621 ба номи Иргашева Бибираджаб Ураковна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, гузаргоҳи 2, кӯчаи Х. Мирзоев 26 (собиқ Репин 26), ки санаи 21-уми декабри соли 1979 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин барои коркарди қуму санг, дараҷаи А№013825, ба номи ҶДММ "Сангшикан", бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавси, к. Гулбутта, ки соли 2004 дар кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 №1058262 ба номи Шарифов Раҷаб Ғуломалиевич, соли хатм 2022, ки аз ҷониби МТМУ №19-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шартномаи хариду фурӯши 60% ҳисса дар сармояи оинномавии ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии "Мехнат"", №9Ш-1537 ба номи Зокиров Фирдавс Абумуслимович, ки санаи 8-уми ноябри соли 2019 дар нотариуси Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Муҳаммадзода Муҳаммади, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ тахти феҳристи №1Дш-169 аз 22.07.2010 ба номи Нозимзод Абдусаломи Абдулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур (Рӯдакӣ), к. Гулистон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Қосимов Зайнулло Шамсулоевич, №0423035, РЯМ: 0331418670, РМА: 205093895, санаи судур 02.03.2020, ки дар Нозироти андози н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҶДММ "Бахром 2017", №0273420, РЯМ: 0510007493, РМА: 050013117, санаи судур 13.02.2017 ва шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супоридани андоз аз арзиши иловагӣ бо силсилаи U05, №009665, ки санаи 19.08.2017 дар Нозироти андози ш. Ваҳдат ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 №136150 ба номи Гулямова Гулнора Файзуллоевна, соли хатм 1985, ки аз ҷониби МТМУ №38-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 АБ №064740 ба номи Зиёмиддинов Зуҳуриддин Бурҳониддинович, соли хатм 1999, ки аз ҷониби МТМУ №52-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Крюков Максим Игоревич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. С. Шерозӣ, бинои 62, ҳ. 33, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №9648 аз 18-уми феврали соли 2019, ба номи Азизов Муҳаммадӣ Тошмадович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шохмансур, к. Будённий, х. 7, ки тахти №0109 539 ба қайд гирифта шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хизматӣ №609665 ба номи Абдуллоев Сангин Ниматуллоевич, ки санаи 20.10.2021 аз ҷониби ШХДМ ШВКД-2-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши таваққуфгоҳ тахти феҳрасти 9Ш-802 аз санаи 05.06.2013, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе ба номи Боиров Ҳомиджон, таваққуфгоҳи рақами 25 воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Н. Махсум 61/1 ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти 9Д-430, ки аз 28.06.1989 дар Идораи нотариалии 1-уми ш. Душанбе ба номи Салимов Базар бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Хорогская, хонаи 78 тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрасти 3Д-731, ки аз санаи 19.08.1992 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода ба номи Ибодов Файзали Саъдуллоевич бо суроғаи шаҳри Турсунзода 1 м/р, хонаи 11, квартираи 26 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти 1Ш-1191 аз таърихи 24.12.2008, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Ҷобирова Муясор бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ/ш Чортеппа, уч. Ҷӯйбодом, хонаи 73 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

> *Зодрӯз муборак!*
>
> Дӯстдоштатарини дӯстдоштанҳо, падарҷони азизи мо! Шуморо ба ҷашни зодрӯзатон табрик мегӯем. Бигзор ҷӣ орзуҳои неке, ки дар дил доред, ҷомаи амал пӯшанд.
>
> 
>
> **Аз номи ҳамсари меҳрубон ва фарзандонатон**

► Шартномаи хариду фурӯш ба номи шаҳрванд Ҳасанов Абдуманон Подавонович аз 17.06.2014 тахти феҳрасти 1ш-600, ки дар Идораи нотариалии шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0035580 ба номи Гиясова Мусалама Раҳматовна, ки соли 2011 аз ҷониби Литсейи касбии алоқа дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии Ширин ба номи Исмоилов Муҳамадҷон Мирзорасулович, РЯМ: 0730220911, РМА: 076077485, аз 16.03.2022, ки дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Уткиров Киличбек Абдумаликович, РЯМ: 0730148834, РМА: 075508068, ки аз 15.04.2017 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлии гумшуда бо суроғаи А. Ғуломов, хонаи 31/2, ҳ. 28, ки дар асоси ваколатнома аз таърихи 23.05.2023 ба номи Музаффаров Абдучалил Холович тахти рақами 18 -1557 дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Диплом ба номи Раҳимова Сурайё Саъдуллоевна тахти ФВ - I №005651 ва рақами қайди 500, ки соли 1994 аз тарафи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хизматӣ №069 ба номи Холов Қосим Шарифбекович, соли 2021, АҲД назди президенти ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Ҳоҷи Қудрат", №0248695, РЯМ: 3310009551, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Баракати Ганҷ", №0268600, РЯМ: 0310023157, РМА: 030035067, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Finance Analyst (Job ID: 10773/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 3 June 2023 (08:59 AM TJK time)**
- **Project Associate (Job ID: 10749/NPSA-6; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 3 June 2023 (08:59 AM TJK time)**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | | | | 5 | 9 | 4 | | |
| | 3 | | | | | 6 | 8 | |
| | | | | 8 | | | | 2 |
| | | 2 | | 6 | 1 | | | |
| 4 | 1 | | | | 8 | | | 7 |
| | | 7 | | | | 5 | | 9 |
| | | | 6 | | | | 3 | 1 |
| | 4 | 5 | 9 | | | | 2 | |
| | 9 | 6 | | | 3 | 7 | 5 | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 1 | | | | 9 | | 5 | |
| | 6 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | 7 | | 6 |
| | 5 | | | | | | | |
| | | 4 | | 5 | 3 | 2 | | 8 |
| | 2 | | | 1 | | 3 | | |
| | | 1 | | 4 | | | 6 | |
| 3 | | | 9 | | | | | |
| | 8 | 7 | | | 1 | 9 | | |

## Фарқиятро ёбед!





## Лабиринт




## Сканворд



Ҳайвони ваҳшии хунхор
Ибодатгоҳи бутапарастон.
Биёбон дар Африқо
Фикр, ақида
Истироҳатгоҳ дар Баҳри сиё?
Расму оинҳо.
Чодир
Нигоҳ, чашм.
Мева.
Номи мева.
Номи полякӣ
Зебу зинат.
Мақсад.
... Дуглас (актёр)
Сарандози кампирҳо
Одами некӯкор.
Шахсе, ки роҳро медонад
Унсури кимиёвӣ
Сӯроҳӣ барои ҳавои тоза
Шакл, хел, навъ
Сози мусиқии камончадор
Ватани БМВ.
... мағзи ибодат
Тамғаи мошини боркаш
Шаҳр дар Колумбия
Сахтӣ, тангии аҳвол
Салвадор ..., рассом
Олимпиада бо забони тоҷикӣ
Кӯл
... Алибасов (продюсер)
Боғи миллии Ҷопон
Ҳамешагӣ
Шаҳр дар Юнон
Давлати Буш.
...-Спорт (намуди варзиш)
Чопхона
Арки қадимаи арманиҳо
Аз сар то по
... Дасаев, дарвозабони машҳур
Ҳайвони ширхӯри баҳрӣ
Пок, тоза.
Халиҷи баҳри Араб
"Табақ"-и чорво.
Тайёраи Антонов
Қисми осиёб, ки он ҷо ғалла орд кунанд
Адади ..., тираж
Иёлоти Амрико

### Имкон

Писарак аз падараш мепурсад:

- Дада, чаро хурӯс ин қадар барвақт фарёд мекунад?

Падар дар ҷавоб:

- Бояд фурсатро аз даст надиҳад, бачам. Зеро агар мокиён пеш аз ӯ бедор шавад, дигар имкони гап задан намеёбад.

### Сурудхонӣ

Писарчаи хурдсоле ҳамроҳи модараш дар боғ сайругашт мекунанд. Ногаҳон писарча бо овози баланд мегӯяд:

- Очаҷон, ман пешоб дорам.

Модараш ӯро ором карда, мегӯяд:

- Писарам, дар байни мардум ин хел нагӯ, айб аст. Суруд хондан мехоҳам бигӯ, ман худам мефаҳмам.

Рӯзи дигар, нисфи шаб писарча падарашро аз хоб бедор карда, мегӯяд:

- Падарҷон, ман суруд хондан мехоҳам.




- Бачаҷон, ҳама хобанд, ту ҳам хоб кун. Субҳ шавад, ҳарду якҷоя мехонем.

- Охир, ман ҳозир хондан мехоҳам,- исрор мекунад писарча.

- Хуб, паст-паст дар гӯши ман хондан гир, то дигаронро аз хоб бедор накунӣ,- мегӯяд падар.

### Асп

Дар маркази таъмири мошинҳо:

- Усто, ҳолати мошини ман чӣ гуна аст?

Усто дар ҷавоб:

- Медонед чӣ, агар ин мошин неву асп мешуд, ман ба шумо тавсия медодам, ки онро парронед...

### Қибла

Аз пурхӯре пурсиданд:

- Қибла кадом тараф?

Пурхӯр гуфт:

- Ҳамон тарафе, ки дастархон бошад.

### "Романтик"

Як духтар ба дугонааш мегӯяд:

- Дӯстдоштаи ман хело "романтик" аст.

Дугонааш мепурсад:

- Чӣ гуна?

- Духтар:

- Вақте дар капоти мошини гаронбаҳояш бо мех " Ман туро дӯст медорам" навиштам, аз гиря кардан қариб ҷонаш барояд...

### Ҷабр

Устоде кори шогирдро ба номи худ менавишту муздро ба ҷайби хеш мезад. Тоқати шогирд тоқ шуду гуфт:

- Ин чӣ ҷабр аст?

Устод гуфт:

- Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.

### Санаи нав

Ду ҳамсабақ баъди 10 соли хатми донишгоҳ вомехӯранд. Яке ба дигарӣ:

- Манижа, шунидам, ки ту дар почта кор мекунӣ ва ба мактубҳо тамға мегузорӣ. Ин кори якрангу дилгиркунунда аст...

- Не, Дилоромҷон! Хато мекунӣ, якранг нест! Ҳар рӯз санаи рӯз иваз мешавад!

Таҳияи
**Нодира РАҶАБОВА**

## Сканворд







### Пиёла барои меҳмон

Ба идораи нашриёи «Тоҷикистон» меҳмон шудам. Устод Аҳмадзода хеле хуш қабулам карданду хостанд бо чой меҳмондориам кунанд. Ҳама чойро кофтанд, вале як пиёла ҳам пайдо накарданд. Он гоҳ ба яке аз ҳамкоронашон муроҷиат карда, гуфтанд:

- Як пиёла те, то ман ба Холиқназар чой резам.

Ӯ гуфт:

- Устод, мо фақат яктогӣ пиёла барои коргарон дорем. Барои меҳмон пиёла надорем.

### Нафақаи харона

*(Аз суҳбати ду мӯйсафед)*

- Ту чанд сомонӣ нафақа мегирӣ?

- 500 сомонӣ. Ту чӣ?

- Ман ҳамагӣ 150 сомонӣ мегирам.

- Чаро аз ту кам аст?

- Намедонам, ту дар ҷавонӣ фақат фиреб карда мегаштиву кори сиёҳро надида, нафақаи хуб мегирӣ, вале ман ҳама умр мисли хар кор кардаму нафақаи ночиз мегирам.

- Ту мисли хар кор кардӣ, барои ҳамин ҳам нафақаи харона мегирӣ,- хандакунон гуфт дувумӣ.

### «Перезагрузка»

Шаб, баъди ҷашни матбуот хеле нишастем. Саҳар бо азоб аз хоб хестам. Сар хеле вазнин. Пойҳоям ба худам итоат намекарданд. Бо хеле душворӣ худро ба даст гирифта, ба кор омадам. Кор кардан ҳам душвор буд. Ин аст, ки «як сарамро перезагрузка диҳам» гуфта, ба берун баромадам ва барои тоза кардани сар 100 грамм шароб нӯшида, баргаштам. Ба назарам каме беҳтар шудам, вале ҳанӯз кор кардан душворӣ мекард ва ҳоло ҳам чизе намерасид. Ин аст, ки аз нав баромаданӣ шуда, гуфтам:

- Ман як «перезагрузка»-и дигар дода, бармегардам.

Ҳамкорам хандакунон гуфт:

- Эҳтиёт шавед! Перезагрузкаи зиёд виндовсро мепаронад.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**